ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №6 (271) 16-уми апрели соли 2018, душанбе (оғози нашр: соли 1994)



## ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ "ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР 2018-2028"



Ҳадафи асосии Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" иҷрои вазифаҳо дар соҳаи захираҳои об ва эҷоди майдони васеъ барои густариши таҷрибаи андӯхта ва ҳамкориҳо дар ин соҳа мебошад.

Гузашта аз ин, Даҳсолаи нав ба гузариш ба марҳалаи асосии татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор мусоидат хоҳад кард.

Мо умедворем, ки Даҳсола ва механизми иҷрову назорати он барои ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии чораҳои андешидашуда ва қадамҳо дар роҳи расидан ба идоракунии якҷояи захираҳои об заминаи муносибе ба вуҷуд хоҳад овард.

Эмомалӣ РАҲМОН

### ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ ДАР РАҚАМҲО



### ОЛИМИ ВАРЗИДА, ОМӮЗГОРИ СОҲИБКАСБ ВА ИНСОНИ КОМИЛ



### ТОҶИКИСТОН - КИШВАРИ ГИЁҲҲОИ ДАРМОНБАХШ



### ҲАҚНАЗАР - ШОИРЕ АЗ ТАБОРИ РӮДАКИЮ ФИРДАВСӢ...



### МУҲТАРАМ ҲОТАМ: ТАЪРИХ РУКНИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ АСТ!



### ДАСТАИ ШАМШЕРБОЗОНИ ДОНИШГОҲ ҒОЛИБ ШУД!



### МИНБАРИ ДОНИШҶӮ



*Ин дил ба усули хеш дорад бозӣ*
*Фарқаш набувад, муқобилам ё розӣ.*

Анвори дониш
№6 (271), ДУШАНБЕ, 16.04.2018

# КОНФРОНС: ТОҶИКИСТОН-КИШВАРИ БЕНАЗИРИ САЙЁҲӢ ВА МАКОНИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ




Санаи 11.04.2018 дар толори илмию фарҳангии донишгоҳ конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Тоҷикистон-кишвари беназири сайёҳӣ ва макони ҳунарҳои мардумӣ" бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.

Нахуст ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илми физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло баромад намуда, дар ин мавзуъ суханронӣ намуданд. Сипас, дар мавзӯи "Тоҷикистон - Ватани туризми байналмиллалӣ" номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав Саидмуминов А., дар мавзӯи "Омилҳои рушди сайёҳӣ" номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи илмҳои табиатшиносӣ ва иттилоотии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Абӯҳанифа-Имоми Аъзам Раҳимова Р., дар мавзӯи "Имконияти рушди туризми экологӣ дар вилояти Хатлон" номзади илмҳои география, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Баротов Ҷ. ва дар мавзӯи "Касбу ҳунарҳои мардумӣ - асоси рушди иқтисодиёти оила" номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Закиров Ш. ва дигарон баромад намуданд.

Конфронс аз ду бахш: Рушди сайёҳӣ ва Ҳунарҳои мардумӣ иборат буд. Дар бахши Рушди сайёҳӣ роҳбари бахш Баротов Ҷ., дотсент, мудири кафедраи география ва туризми ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва дар бахши Ҳунарҳои мардумӣ роҳбари бахш Ахмедов А.С., нмзади илми иқтисод, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва иқтисодии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров буданд. Дар конфронс 22 маърӯза шунида шуд.

Дар ҷамъбасти кори конфронс барои меҳмонон хатсайри туристӣ, боздид аз марказҳои таърихӣ-фарҳангии шаҳри Кӯлоб сурат гирифт.

# ЗАФАР МИРЗОЁН - ПРОФЕССОРИ ФАХРӢ



Дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеа, ховаршинос Зафар Мирзоён унвони "Профессори ифтихорӣ" дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки Зафар Мирзоён яке аз олимони сермаҳсул буда, пайваста мақолаҳояш дар рӯзномаҳову маҷаллаҳои илмӣ чоп мешаванд. Инчунин, муаллифи якчанд таълифоти илмист. Танҳо дар соли 2017 дар саҳифаҳои васоити ахбори омма 36 мақола чоп кардааст, ки онҳо ба мавзӯи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ бахшида шудаанд.

Садорати донишгоҳ ва аҳли эҷоди рӯзномаи "Анвори дониш" устодро барои гирифтани унвон табрик гуфта, барояшон саломатӣ ва комгориро таманно доранд.

# ДАСТАИ ШАМШЕРБОЗОНИ ДОНИШГОҲ ҒОЛИБ ШУД!



Санаи 18-уми марти соли ҷорӣ бо ташаббуси Раёсати ҷавонон ва варзиши минтақаи Кӯлоб мусобиқаи минтақавӣ оид ба "Шамшербозӣ" бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Кӯлоб гузаронида шуд. Дар ин мусобиқа дастаҳои аз минтақавӣ иштирок ва бозӣ намуданд. Дар натиҷа бо гирифтани холи баланд дастаи шамшербозони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷойи 1-умро гирифтанд ва ба мусобиқаи ҷумҳуриявӣ роҳхат ба даст оварданд.

# КОНФРОНС: НАҚШИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДӢ



Санаи 31.03.2018 дар толори илмию фарҳангии донишгоҳ конфронси илмии вилоятӣ дар мавзӯи "Нақши соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон" гузаронида шуд.

Дар конфронс муовини сардори раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон Насриддинзода Рамазон, дотсенти Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Должикова В.А. ва дигар меҳмонон иштирок доштанд.

Нахуст бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишгоҳ доктори илми физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло баромад намуда, эълон намудани соли 2018-ро ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ фоли нек донист ва меҳмонро хайрамақдам гуфт.

Сипас, дар мавзӯи "Асрори кулолгарӣ" номзади илмҳои химия, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Холиқов Сафар, дар мавзӯи "Туризм - омили пешрафти иқтисодӣ" раиси Созмони ҷавонони Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кушониён, дар мавзӯи "Малакаҳои корбарии технологияи шабакавӣ дар рушди саноати сайёҳӣ" аспиранти ДДК ба номи Носири Хусрав Самандари Раҷабалӣ ва дар мавзӯи "Инкишофи минтақаҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" омӯзгори ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоев Азиз баромад намуданд.

Бахши дуюми конфронс дар ошёнаи дуюми бинои маъмурӣ бо 18 маърӯза дар мавзӯъҳои вобаста гузаронида шуд. Дар охири конфронс ба маърӯзачиён ва иштирокчиёни фаъол аз тарафи раёсати донишгоҳ ифтихорномаҳо супорида шуд.

# МУШАРРАФ ШУДАН БА НИШОНИ АЪЛОЧИИ МАОРИФ ВА ИЛМ



Тибқи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон номзади илми иқтисод, декани факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирсаидов Муҳаммадназим барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони "Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон" мукофотонида шуд.

Садорати донишгоҳ ва ҳайати эҷодии рӯзнома Мирсаидов Муҳаммадназимро бо ин муваффақиятошон табрик мекунанд.

# ҶИД ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАД!



Санаи 5.04.2018 дар толори илмию фарҳангии донишгоҳ Ҷамъияти 8-уми илмии донишҷӯён баргузор гардид. Нахуст, ректори донишгоҳ доктори илми физика ва математика, профессор Узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло баромад намуда, ҷамъиятро ҳусни оғоз бахшид.

Дар чорабинӣ ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия Шарофат Худойдодова, мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеа Зафар Мирзоён, деканони факултаҳо ва донишҷӯён иштирок доштанд. Баъдан, маърӯзачиён дар мавзӯи "Нақши сайёҳӣ дар рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон", узви фаъоли ҷамъият, донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика Маҳсуддинзода Некрӯз, "Ҳунарҳои мардумӣ - манбаи таъминоти иҷтимоии аҳолӣ", донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика Наргиси Шодибек ва "Ҷойгоҳи забонҳои хориҷӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи хориҷӣ Неъматуллозода Айсиддин баромад намуданд.

Дар охир ҳамойиш бо саволу посухҳои иштирокдорон ба анҷом расид.

# ЭЪЛОН!

Ба таваҷҷӯҳи донишҷӯён, магистрантон ва докторантони PhD расонида мешавад, ки шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тасмим гирифтааст, ки озмуни "Беҳтарин лоиҳаи инноватсионӣ"-ро баргузор намояд.

Хоҳишмандон метавонанд, то санаи 05.05.2018 лоиҳаҳои инноватсионии худро дар шакли хаттӣ ва электронӣ ба шуъба пешниҳод намоянд. Маблағи ҳар як лоиҳа аз 500 то 3000 сомонӣ дар назар дошта шудааст.

**Маълумоти иловагӣ:** шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, бинои маъмурӣ, утоқи 206, тел: (83322) 2 36 18; 902 10 45 86, 900 79 66 79, 985 77 74 40, Email: javonon.ddk@mail.ru

# НАВБАҲОР ОМАД, ДИГАР ДУНЁ ХУШУ ДИЛҲО ХУШ АСТ...



*Шамсиддин ШАРИПОВ,*
*ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он*

Инсон ба рӯи сохтани зиндагӣ бо ҳазорон орзую амал, бо шавқу иштиёқи беандоза ва ишқу муҳаббати саршор аз покию некӣ қадам мегузорад. Ва ҳама сарнавишти хешро бо авроқи мулавван китобат мекунад.

Ҳикмати азалӣ бо Инсон аст ва ӯро ҳар замон баояндаҳои гуворову мақбул мехонад ва умеди тозаеро дар ниҳоди ӯ тарҳрезӣ менамояд. Фалсафаи Ҳастӣ оини накукорӣ, ваҳдат, инсондӯстӣ, баробарӣ, бародарӣ, меҳрварзӣ ва амсоли ин мафҳумҳоеанд, ки моро ба сӯи ҳақиқати Кул раҳсипор месозанд. Инсон бо Замин ва Замин бо инсон ҳамтақдир аст ва онҳоро бе ҳам ҳеҷ тасаввур кардан имкон надорад. Ин рабт ва ҳамбастагӣ ба ҳеҷ ваҷҳе ин дуро наметавонад аз ҳам фасл кунанд. Ин ду муъҷиза фарохнои вақту фазо дар гардишанд ва дар такомули ҳамзиндагиро зинда медоранд. Вақт ки довари ҳастӣ ва пайванди Инсону Замин аст, пеши ин ашрафи мавҷудот нидо мекунад:

***Ту раҳраву ман манзил, ту***
***мазраъу ман ҳосил,***
***Ту сози сароҳангӣ, ту***
***гармии ин маҳфил.***
***Овораи обу гил дарёб***
***мақоми дил,***
***Гунҷида ба ҷоне бин ин***
***қулзуми беҳосил***
***Аз мавҷи баланди ту***
***сарбарзада туфонам.***

Инсон гавҳари нодири Замин аст ва Замин гаҳвораи Инсон. Ҳар замон бо тобиши наве ин гавҳар медурахшад ва ҷиллои ӯ Коинотро ҳусн мебахшад. Замин аз қисмати худ менозад ва аз шавқи беандоза дар гардиши мудом қарор мегирад. Дар ин асно мерасад ба манзиле, ки он сарманшаи мурод, оғози матлабҳо, сарчашмаи комгориҳо ва умеди умедворҳо мегардад. Ва ин манзил рӯзи Наврӯз ва пайғоми Баҳори фархундапай аст. Ва он ҷӣ аз фалсафаи ҳастӣ дар аввал гуфтем, нишонаҳои хоси худро дар ин манзил рӯнамо месозад. Аввал қадам баробарӣ ки роҳи дилҳоро мепайвандад дар ин рӯзи Ҳумоюн ошкор мешавад ва дигар ҳама нобаробариҳо пушти сар мешаванд ва ғаму шодӣ, пастию баландӣ, комёбию нокомӣ, рӯзу шаб, хору гул ба ҳам меоянд ва дар оғӯши ҳам аз таззод буданашон фориғ мешаванд:

***Навбаҳор омад, дигар дунё***
***хушу дилҳо хуш аст,***
***Хона дар раҳни шароб***
***авлост, то саҳро хуш аст.***
***Дар миёни неку бад з-ин***
***бештар ҳам фарқ нест,***
***Гул ба саргармӣ писандӣ***
***хор ҳам дар по хуш аст.***

Замин бо осмон мепайванд ва борони найсон пайвандгари онҳо мешавад ва паёми хушу гуворои Коинотро ба Инсону маҳди ӯ Замин бо гиряи Шодӣ эҳдо мекунад. Ин пайванд дар қалби инсонҳо нерӯи нав эҳё месозад ва умедиояндаро дар ниҳодаш устувор месозад. Абри раҳмат аз самои пурсаховат қатраҳои бо назокат ато мекунад ва Замини нозанинро, ки пироҳани сабз ба бар кардааст дуруди Наврӯзӣ мефиристад. Аҳди сӯҳбат Замину Само, аҳди роҳёбӣ ба



мазраи дилҳо, айёми нишоти ҷумла мавҷудоти олам ба сар мерасад ва таронаи борон ин ҳамаро бошорати тоза мебахшад:

***Нагсаст аҳди сӯҳбат,***
***маст аз ҳавои борон,***
***Оре, ҳамеша бошад***
***бар қошнои борон.***
***Дар рӯзи абр бояд согар***
***шумурда хӯрдан,***
***Яъне бувад баробар бо***
***қатраҳои борон***
***Афкандаанд бар абр***
***мастон сари бараҳна***
***Ҳамчун хубоб дастор***
***дар рӯнамои борон***
***Дар кишвари гулистон,***
***гулбуна гарчӣ шоҳ аст,***
***Аз гул гирифта коса,***
***бошад гадои борон.***
***Майхона остонаш, гил***
***шуд зи саҷдаи мо***
***Аз баски ҳаст моро бар***
***сар ҳавои борон***

Рӯзи Наврӯзу айёми гулфишониҳои фасли нозанини Баҳор ҳеҷ мавҷудеро бетафовут гузошта наметавонад. Рӯдҳо боҷӯшу хурӯш дар рӯд борҳо ҷавлон мекунанд, арӯси лолу кӯҳу саҳро, дашту даман, водию чаманзорҳоро гулпӯш мекунад, садои рӯҳнавози най ба қалби ошиқони хушпай паёми маъшуқи деринтизорро мерасонад, чаҳ-чаҳи булбули хушилҳом гулистонро ба шӯр меорад, садои қалбҳо Замину Осмонро навозиш мекунанд. Шоире, ки ин манзараҳоро аз дил мегузаронад, наметавонад хомӯш бошад. Бадоҳатан бадеҳа мегӯяд, бадеҳа ба ҳар ғазали булбули шурида ва пайғоми наврӯзу Баҳори некпайро ба мардум ҳадя месозад:

***Омад баҳору лашкари***
***гул дар рикоби ӯ,***
***Саҳро нишин бувад***
***сипоҳи беҳисоби ӯ.***
***Ҳар навбаҳор тифли***
***дабистони гулшан аст,***
***Ҳар гунчае, ки во шуда,***
***бошад китоби ӯ.***
***Булбул ба рӯи гул***
***ғазалеро, ки сар кунад,***
***Бе дардам, ар бадеҳа нагӯям***
***ҷавоби ӯ.***
***Бар шох аз шукуфа***
***фикандаст навбаҳор,***
***Пироҳани таре, ки***
***наяфшурда оби ӯ.***

Наврӯз дар Машриқ замин аз замонҳои қадим ҳамчун ҷашни оғози сол, ҷашни эҳёи табиат ва эҳёи зиндагии навин истиқбол мешуд. Бо гузашти айём он дар тирагиҳои таърих ба номи фаромӯшӣ фурӯ рафт. Аммо мардум дар тиратарин аҳдҳо низ аз он худро ногусаст ва онро чун ҷашнҳои муаззам бо худ нигоҳ дошт. Бо пешниҳод ва ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Сарвари тоҷикони олам, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашн байналмиллалӣ гашт ва дар рӯйхати ҷашнвораҳои олам бо хати сабз навишта шуд. Мо мардуми тоҷик ифтихор аз он мекунем, ки Наврӯзи оламафрӯзи ба дилу дидаҳо қарини моро оламиён ҳамчун рамзи якдилӣ, иттиҳод ва якпорчагии хеш мақбул дониста, ҳамраъйи хешро аз он изҳор доштанд. Ҷашни Наврӯз ҷаҳонӣ шуд. Ва инак, мардуми сайёра паи таҷлили он камар мебананд ва паи изҳори ҳамдилию ҳаммаромии хеш пайванди устувориро ҳосил мекунанд. Ҳарчӣ Наврӯз ва Баҳор эҳдо месозад гуворою хушоянданд ва паи некию некрӯзии инсони саодатбор пояндозанд:

***Ҳарчӣ меорад баҳор аз***
***дигарӣ зеботар аст,***
***Рӯнамое аз барои рӯ***
***намо овардааст.***

Мардуми шарафманди дунёро бо ин рӯнамо сидқан таҳният гуфта, бароятон сарсабзии ҳаёти хушгуворро таманно меҳоҳем.

## • Шеъри рӯз



*Муҳаммад ҒОИБ,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

### ВАТАН

**МАНАМ ДОРОТАРИН ОДАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ,**
**КАМИ ХУДРО НАГӮЯМ КАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**АГАРЧИ КУЛБААМ ОДИСТ, ВАЛЕ ДИЛ МАСКАНИ ШОДИСТ,**
**ФАРАҲ ХЕЗАД МАРО АЗ ҒАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**НАНОЛАМ АЗ ГАРОНБОРӢ, НАПУРСАМ АЗ КАСЕ ЁРӢ,**
**НАГИРАМ ҚОМАТАМРО ХАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**ВАТАНРО ГӮШАИ ИМОН БИГӮЯНДУ ХУДО ДОДАСТ**
**МАРО ИМОНИ МУСТАҲКАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**ПАЙИ САРСАБЗИИ ХОКАШ, БА МИСЛИ АБРИ АФЛОКАШ**
**БА ЧАШМИ СИНА ДОРАМ НАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**ХАСИСОН НИЗ МЕБАХШАНД БАХРИ ҲИФЗИ МЕҲАН ҶОН,**
**ВАТАН КАСРО КУНАД ҲОТАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**ҒАРИБАФТОДАГОНРО ҶАШН АЗ МОТАМ НАДОРАД ФАРҚ,**
**МАРО ҶАШН АСТ ДАР МОТАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**НАДОНАМ ВАҚТИ БЕМОРӢ, БА ҶУЗ МЕҲРИ ВАТАНДОРӢ**
**БА ДАРДИ ҶОНИ ХУД МАРҲАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**НИШОНИ Ӯ НИШОНИ МАН, СУРУДАШ ДАР ЗАБОНИ МАН,**
**БА БОМАМ ҶИЛВАГАР ПАРЧАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**
**МАНАМ ДОРОТАРИН ОДАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ,**
**САДОЯМ БИШНАВАД ОЛАМ, ВАТАН ДОРАМ, ВАТАН ДОРАМ.**

# ДУ ҲИКМАТ

### ҲИКМАТИ ЯКУМ

Подшоҳе аз вазири худ хашмгин шуд ва ӯро ба зиндон андохт. Муддате баъд вазъи иқтисодии кишвар бад шуд. Бинобар ин мардум аз подшоҳи худ норозӣ шуданд. Шоҳ ҳар коре, ки барои ризоияти онҳо анҷом медод, муваффақ намешуд. Пас, дастур дод, ки вазирашро аз зиндон биёваранд. Ҳангоме, ки вазир дар маҳзари шоҳ ҳозир шуд, шоҳ гуфт:

- Муддатест, ки мардум аз ман рӯйгардон шудаанд, агар тавонистӣ ризоияти онҳоро дубора баргардонӣ, ман ҳам аз гуноҳат мегузарам.

Вазир гуфт:

- Ман дастури Шуморо иҷро хоҳам кард, фақат мехоҳам, ки як теъдод сарбоз ба ман бидиҳед...

Шоҳ гуфт:

- Намехоҳам, ки аз роҳи зулм ба мардум ворид шавӣ.

Вазир гуфт:

- Ман ҳаргиз ҳадафи саркӯб кардани мардумро надорам.

Вақте, ки шоҳ ин суханро бишунид, як теъдод аз сарбозонро ба ихтиёри вазир дод. Шабҳангом вазир ба ҳар кадоме аз сарбозон либосҳои мубаддал ба дуздонро пӯшонид ва ба ҳар кадом дастур дод, ки ба тамоми хонаҳо бираванд ва аз ҳар хонае чизе бидузданд, ки арзишаш на он қадар паст бошад ва на он қадар гарон, ки ба мардум зулм шавад ва ба ҳар кадоме коғазе дод, ки дар макони дуздиашон боқӣ гузоранд.

Дар коғаз чунин навиштае буд: "Ҳадафи мо тасарруфи қасри шоҳ ва ҳукумат кардан ба мардум аст".

Сарбозон низ мувофиқи дастуроти вазир амал карданд. Мардум бо хондани он коғазҳо даври ҳам ҷамъ шуданд.

Нафари аввал гуфт:

- Дуруст аст, ки дар замони ҳукмронии подшоҳ вазъи иқтисодии мардум бад шуд, аммо ҳаргиз шоҳ ба дуздии амволи мардум иқдом намекунад.

Ҳоло, ки ин дуздон қудрате надоранд, тавонистанд, ки молҳои моро бидузданд, пас вой аз он рӯзе, ки сари қудрат биоянд.

Нафари дуюм гуфт:

- Дуруст аст, қадри ин шоҳро бояд донист ва аз ӯ ҳимоят намуд, то аз шарри ин дуздон амон бимонем....

Ҳама ҳарфҳои якдигарро таъйид намуданд ва тасмим гирифтанд, ки аз шоҳ ҳимоят кунанд.

***(АЗ ҲАР ЗОВИЯ)***

### ҲИКМАТИ ДУЮМ

Шайх чанд рӯзе меҳмони пирамарди нобино буд. Рӯзе Қуръонеро дар хонаи он марди нобино дид, тааҷҷуб кард ва бо худ гуфт:

- Дар ин хона ҷуз ин пири нобино касе нест, пас, ин Қуръон ба чӣ кор меояд?

Шайх ҳамчунин дар он андеша буд, аммо дам барнаёвард ва пурсиш накард, шояд кам-кам ҷараёнро дарёбад ва ин муаммо бар ӯ бармало гардад.

Нимаҳои шаб буду шайх дар хоб, ки садои ҳазину гӯшнавози қироати Қуръон ӯро бедор кард. Бархост ва ба сӯи садо рафт. Бо шигифтӣ дид, ки он марди нобино Қуръонро муқобили худ кушода ва онро тиловат мекунад:

- Эй мард, чӣ гуна бо чашмони нобино Қуръон мехонӣ? Ангушт бар хутути он ниҳода ва сари худро ба сӯи он хам кардаӣ?

Марди нобино гуфт:

- Аз амали Худо дар шигифт мабош. Ман аз дилу ҷон аз Ӯ хостам, ки вақте мехоҳам Қуръон бихонам, чашмамро бино кунад, чаро ки ҳофизи Қуръон нестам ва наметавонам аз бар бихонам. Худованд низ дуоямро иҷобат кард.

***(Мазмун аз Маснавии маънавӣ)***

***Таҳияи***
***Ҷаҳонгир РУСТАМ***

*Луқмаи афзун зи меъёр оварад ранҷи зиёд,*
*Офарини модарон бо тифли нӯҳ маҳ дар ниҳод.*



# МУҲТАРАМ ҲОТАМ: ТАЪРИХ РУКНИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ АСТ!

## Мусоҳиба бо шоир, нависанда ва таърихшинос Муҳтарам Ҳотам



### КАЛИМАИ "ТОҶИК"-РО БА "ТОЗӢ" МАНСУБИЯТ ДОДАН ХАТОСТ

***- Маънои вожаи "тоҷик" барои ҳар фарди миллат ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор дошту ҳаст. Перомуни ин истилоҳ бисёр гуфтаанд ва гуфтании Шумо ҳамчун мутахассис чӣ аст? Вожаи "тоҷик" аз кадом аср маълуму пайдо гардидаву мавриди истифода қарор гирифта дар забони мардум роиҷ гардидааст?***

Дар бахши вожаи "тоҷик", пайдоиш, маъно, вусъати ҷуғрофӣ ва фурсати таърихии он навиштаҳои олимон воқеиятро дар ин маврид бозгӯ карда наметавонанд. Роҷеъ ба вожаи "тоҷик" бештари навиштаҳо сатҳӣ, камарзиш ғайривоқеӣ рӯи коғаз омадаанд. Инҷониб чандин сол аст, ки дар ин мавзӯъ пажӯҳиш мебарам.

Дар китоби навам "Тоҷик", ки ба наздикӣ ба нашр расид, ин масъала ба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Вожаи тоҷик хеле қадимист. Дар забони санскрит зикр гардидани ин вожа далели 3-5 ҳазор сол қадимияти он аст. Дар адабиёти дини бон ё бонпо, ки қадимтарин дини дунё буда дар Тибет ва баъзе кишварҳои дигар имрӯз низ нуфуз дорад, ёдрас шуданаш далели таърихи бамаротиб зиёдтари он аст. Дар нахуст Тоҷик номи кишваре буд, ки аз чаҳор се ҳиссаи дунёи ҳамон вақт маълумро фаро мегирифт.

Тибқи навиштаҳои адабиёти Тибети қадим нажоди аслии кишвари Тоҷикро нажоди шоҳӣ, ки намояндагонашон аз осмон омада, бо заминиён издивоҷ намуда будаанд, ташкил додааст. Он шоҳон мисли камони ҳафтранг болои сарашон нуре доштаанд, ки он dmu-thag номида мешуд. Як нӯги он нур ба тораки сарашон пайваст ва нӯги дигараш ба сӯи осмон фароз рафта будааст. Вақти аз дунё гузаштан ҷисмашон тавассути он хатти нур ба ватани осмониашон реҳлат менамудааст. Ин шоҳон аз қабилаи Му-Шен буда, ҳамин гуна фарри ҳафтранги dmu-thag доштанд. Дар "Авесто" ва "Шоҳнома" шоҳони иронӣ бидуни фарри шоҳии каёнӣ тасаввур карда намешуд. Эҳтимол ҳамин фарри иронӣ ва dmu-thag айни ҳам будаанд. Баъдҳо шоҳони дигар шояд ба тақлиди он тоҷи нур дар сар тоҷи рангину мурассаъ мениходанд. Дар таркиби dmu-thag вожаи тҳаг: таг-тог-тоҷ ифода шудааст, ки баъдҳо ба шакли "тоҷ" зоҳир гардида, асоси вожаи тоҷикро ташкил додааст. Яъне тавре дида мешавад, тоҷ дар вожаи тоҷик асоси таърихиву ривоятӣ дорад. Мутобиқи тақвими Тибети бостон паёмбари дини бонпо, Тонпа Шенраб, ки аз кишвари Тоҷик буд, субҳдами рӯзи ҳаштуми моҳи аввали соли аввали Муши модинаи чӯбин то солшуморӣ нузул намуда будааст. Ин сана мутобиқи ҳисоби олимон ба соли 16016 то солшуморӣ баробар будааст. Санаи мазкур, албатта, аз ҷониби ҳамаи олимон ҷонибдорӣ ёфтааст. Баъзе олимон онро ҳадди аққал дар оғози ҳазораи аввали то солшуморӣ медонанд, ки ин сана низ хеле қадим аст.

Дар забони ориёиҳои аввалия Рта ном вожае ба маънои қонун, низоми Коинот ва ғ. вуҷуд дошт, ки аз ин реша дар бисёр забонҳои ориёӣ як силсила вожаҳои дигар сабзидаанд. Нахуст рта ё ки рста дар забони мо ба шакли "рост" ифода шуд. Рита, ритуал, дар забонҳои кишварҳои Ғарб, арта, арша, аша, рашт, рашн, дар "Авесто", ростӣ, растанӣ, род, рус - аз ҷумла, Рус-там ва тахаллусаш сагзӣ низ аз ҳамин реша буда, тоҷ, рус - номи миллат, дар забони русӣ - растение, яъне рустанӣ, рост, яъне сабзиш, нумӯ, рушди арабӣ ва ғайра аз ҳамин вожа ташаккул ёфтаанд. Шаклҳои гуногуни вожаи тоҷик - артакзи, стагзӣ, ртамзӣ, таксик ва ғ. вуҷуд доранд, ки дар ниҳодашон вожаи таг, та - тоҷ нуҳуфтааст. Маънии вожаи тоҷ бо осмон, рушанӣ, баландӣ, эзадӣ, коинот, ростӣ, қонун, адлу дод, некӯӣ, нашъунамо, меҳроб, нерӯ, паҳлавон, так - бошитоб ва чанде мафҳумҳои дигар мустақиман иртибот мегирад.

Вожаи "тозӣ", ки баъзе олимон онро арабӣ мешуморанд, шакли қадимтари ҳамин реша аст. Номи "тозӣ"-ро ориёиҳо бо муҳоҷираташон ба Осиёи Пеш интиқол дода буданд.

Сарчашмаҳои таърихӣ қотеона собит мекунанд, ки тоз, тозик ва ғайра мафҳумҳои азалии шарқи Осиёи Миёна мебошанд. Тозиёне, ки дар "Бундаҳишн" ва қисмати аввали "Шоҳнома" зикр шудаанд, мардуми ориёӣ буданд. Сукунатгоҳи онҳо дар Фарғона ва атрофи он воқеъ буд. Ҳар гоҳ турониён аз самти Хутан ба Эрон, яъне Фарғона ва минтақаҳои ҳамҷавораш ҳуҷум меоварданд, нахуст зарба ба Тозиён мерасид. Афросиёб аз Турон - самти Хутан ба Эрон ҳуҷум карда, дар сари роҳаш кишвари Тозиёнро шикаст медиҳад.

Дар "Бундаҳишн" "Тоз" ҳамчун исми хос ва "Тозиён" ҳамчун дашт ва номи маҳал зикр шуда, сукунатгоҳи тозиён - Дашти Тозиён дар сарчашмаи руди Аранг - Сирдарё гуфта шудааст. Дар "Шоҳнома" низ Тозиён зикр гардидааст, ки тибқи таҳлилот ба минтақае дар самти шарқии қаторкӯҳи Фарғона мутобиқат мекунад. Водии Сарикӯл, ки Ямани дар "Шоҳнома" зикр гардида будааст ва баъзе қисматҳои водии Фарғона низ сукунатгоҳи ин тоифа ба шумор мерафтаанд. Тозиён ё Дашти Тозиён дар шарқи Фарғона воқеъ будааст. Заҳҳок ҳеҷ гоҳе тоифаи арабӣ набуд. Бо муҳоҷирати ориёиҳо - тозиён дар Осиёи Пеш нуфуз намуда, ҳангоми тасаллути арабҳо ба Осиёи Миёна ба ин минтақа бозгашт намуд. Иштибоҳи ба тозӣ мансубият додани тоҷик аз ҳамин ҷо сар задааст.

Рустам дар замоне худро тозӣ ва аз нажоди Заҳҳок медонад, ки дар шарқи Осиёи Миёна ҳанӯз дар бораи арабҳо тасаввуроте вуҷуд надорад. Дар "Шоҳнома" омадааст, ки Афросиёб баъди шикаст аз эрониён "Бишуд Тозиён, то ба Халлух расид" - яъне пас аз гузаштани Дашти Тозиён ба Халлух расид. Аз адабиёти ҷуғрофии марбут ба таърихи Осиёи Миёна мавқеияти Халлух маълум аст. Дар ин шоҳасар Кобул (пушти қаторкӯҳи Фарғона) бо Тозиён ҳамҷаворӣ дошт ва ҳамин ҳамҷавории ҷуғрофист, ки шоҳи Кобул Меҳробшоҳ хоҳарзодаи Заҳҳок будааст. Кобули "Авесто" ва "Шоҳнома" низ дар шарқи қаторкӯҳи Фарғона воқеъ буд. Рустам, ки модараш духтари шоҳи Кобул Меҳробшоҳ аст, дар як муколамааш бо Исфандиёр аз нажоди модариаш, ки аз тоифаи тозиён аст, ёдовар мешавад. Чаро ин далелҳои равшан ба эътибор гирифта намешаванд? Чаро на мансубияти қавме аз арабҳо бо номи тозӣ ба тоҷикон, балки тоҷикон ба тозии арабӣ ҷолиби таваҷҷуҳ гардидааст? Чаро ба масъалаи таърихии вожаи тоҷик ба таври ҷиддӣ машғул намешавем?

Чанде аз муҳаққиқони кишварҳои ҳамҷавор дар ҳаққи вожа ва миллати тоҷик таҳрифу таҳқирро ба кор мебаранд, миллати тоҷикро инкор карданӣ мешаванд. Баъзе зиёиёни мо ба ин таҳрифу таҳқирҳо хомӯшона ризоият медиҳанд, аммо ба навиштаҳои воқеии таърихи муаллифони худӣ дар мавриди миллат ва вожаи тоҷик эътибор намедиҳанд, балки муқобилият ҳам мекунанд…

Тоҷик таърихи ҳаждаҳҳазорсола дорад.

***-Устод, то ҷое маълум аст, Шумо ҳудуди 30 сол инҷониб дар ҷӯстуҷӯву таҳқиқотҳоятон аз маводи камошнои таърихӣ, манбаъҳои илмӣ, асотирӣ, археипҳо ва маводи археологиро ба таҳқиқ гирифта, гӯшаҳои аз таҳқиқоти канормондаи таърихи тоҷиконро бо далелу санадҳои муътамад дар китобҳоятон равшан кардаед. Ҳар чанд ки қабл аз Шумо дар ин бора олимони тоҷик ва шарқшиносони хориҷӣ таҳқиқот бурдаанд, хулосаҳоятон барои хонандагон ҷолиб аст, зеро Шумо дар пажӯҳишҳоятон ҳамеша сухани тоза ва хулосаҳои муҳим доред…***

-Расо 27 сол пеш, соли 1990 нахустин Муассисаи хурди нашриявиро бо номи "Ориёно"-ро таъсис дода будам. Яъне, ҳамон вақт андешаи пажӯҳиши зиндагиномаи ориёиҳо дар дилам нишаста буд. Худро пажӯҳишгари мустақил медонам. Дар пажӯҳишҳоям ба равиши тозае рӯ овардаам. Мутаассифона, дар кишвари мо роҷеъ ба ҷуғрофиёи кишварҳои ориёӣ, хусусан аҷдоди тоҷикон пажӯҳиши бунёдӣ амалӣ нашудааст. Ин масъала аз мушкилоти илми ҷаҳонӣ ва масъалаи хеле муҳимми таъриху тамаддуни халқи тоҷик аст. Таҳқиқот дар бораи сукунатгоҳҳои ориёӣ тақрибан 300 сол боз аз ҷониби садҳо олимони бисёр кишварҳои дунё идома дорад. Аксари онҳо ин сукунатгоҳро ба таври умумӣ шарқи Осиёи Миёна гуфтаанд. Дар таҳқиқоти ман ҷойгоҳи ин кишварҳо мушаххас карда шудааст.

Яке аз сабабҳои ошкор нагардидани воқеияти таърихии нахустмеҳани ориёиҳо ин аст, ки вазъи ҷуғрофии Осиёи Миёна дар даврони куҳан ба эътибор гирифта нашуд. Помир ва кӯҳҳои минтақа 10 ҳазор сол пеш аз ин назар ба ҳолати имрӯзаашон тақрибан 700-800 метр пасттар ва чанде ҳам ҷанубтар воқеъ гашта буданд. Иқлими он айём гармтар буд. Саросари Осиёи Миёнаро баҳру кӯлҳо фаро гирифта буданд. Инро хулосаҳои экспедитсияҳои сершумори Институти баҳршиносии Санкт-Петербург, ки дар Осиёи Миёна гузаронидаанд, тасдиқ намудаанд. Аз ҳамин ҷост, ки 7 кишвари дар асарҳои ориёиҳиндӣ зикргардида дар миёни об воқеъ гардида, ҷазира ё қитъа номида шудаанд. Дар он даврон ориёҳиндуҳо ва ориёэрониҳо, ки бо ориётоҷикон ва баъзе халқҳои дигар дар шарқи Осиёи Миёна - ҳудудҳои кунунии Тоҷикистону Хитой, ҳавзаҳои кӯлҳои Балхаш, Иссиққӯл ва ғайра мезистанд, дорои як аҷдоди муштарак, умумияти қавмиву нажодӣ, ҷомеавӣ ва ҷуғрофӣ буданд.

Илми анъанавӣ гузаштаи башариятро дар форматсияҳои таърихӣ - ҷомеаҳои ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ ва ғ. ё ки ба давронҳои палеолит, неолит, ё асри санг, оҳан, биринҷӣ мансуб медонад. Ман дар пажӯҳишҳоям ориёиҳоро ҳамчун инсони эҷодкор, дорои фарҳангу маънавиёт, забону адабиёт, устураву асотир ва ғ. суроғ кардаам. Бале, ҳанӯз ҳам аз сад як ҳиссаи таърихи тоҷикон ошкор нагардидааст.

Хеле ҷойи таассуф аст, ки бо вуҷуди таҳқиқоти даҳҳо олимони бисёр кишварҳои дунё воқеияти ҳол ва сукунатгоҳи ориёиҳо ба таври мушаххас таъйин нагардидааст. Азбаски асарҳои олимон дар мавриди пайдо кардани ҷуғрофияи аслӣ ва нахустмеҳани ориёиҳо маро қаноатманд нагардонид, ҳалли ин масъаларо ба дӯши худ гирифтам.

Бале, кӯшиш кардаам, ки ҳамеша назари наверо изҳор намоям. Аммо на ба хотири пешниҳоди назари нав, балки ба хотири дарёфти воқеияти таърихӣ. Дар асарҳоям садҳо назару кашфиётест, ки дар илм бори нахуст пешниҳод мегарданд. Бинобар ин қабули онҳо низ ба душворӣ даст медиҳад…

***-Устод пайдоиши мардуми ориётоҷикро тибқи маълумоти Тибетӣ дар бораи кишваре бо номи Тоҷик ҳаждаҳ ҳазор сол пеш қайд кардед, дар ин бора мехостам маълумот гирам, ки ин ривоят аст ва ё…?***

Кишвари Тоҷик, ки ба шаклҳои гуногун дар номаҳои Тибети бостон зикр гардидааст, як кишвари асрорангез буда, аз ҷониби олимони зиёди кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ю.Н. Рерих, Ҷ.Рейнолдс, П.Квери, Т.В. Ринпоч, Б.И. Кузнетсов, Л.Н. Гумилёв, Б.Шаҳсойлу ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин олимон кишвари Тоҷикро, ки аз чаҳор се ҳиссаи ҷаҳони ҳамон замон маълумро (!) дар бар мегирифтааст, ба Тоҷикистон, Осиёи Миёна ва минтақаҳои берун аз он айният додаанд. Дар номаҳои мазкур санаи нузули паёмбари дини бон Тонпа Шенраб Мивоче зикр гардидааст, ки ин рӯйдод дар субҳдами рӯзи ҳаштуми моҳи аввали соли аввали Муши моддаи чӯбин то солшуморӣ ба амал омада будааст. Ин сана мутобиқи солшумории тибетӣ ба соли 16016 то солшуморӣ баробар меояд. Яъне имсол аз ин сана 18 ҳазор сол сипарӣ шуд. Ин ҷо сухан дар бораи воқеӣ ё ривоятӣ будани ин таърих намеравад. Муҳим он аст, ки мавҷудияти номи кишвари Тоҷик дар адабиёти як сарзамини аз мо дуру бегона маҳфуз монда, ба таври сунъӣ ё қасдан эҷод намудани он нисбати таърихи халқу диёри мо имконнопазир аст. Ҳама олимони мазкур онро кишвари воқеӣ номидаанд. Яъне онҳо ба муътамад будани сарчашмаҳо бовар доранд. Бисёр далелҳои ин навиштаҳо дар "Бундаҳишн", "Авесто" ва дигар асарҳои ориёӣ тасдиқ пайдо мекунанд. Масалан дар номаҳои мазкур гуфта мешавад, ки хеле пештар аз Тонпа Шенраб шоҳи ин кишвар Гирвар буд ва ин ном ба Гиршоҳ (Гилшоҳ) - тахаллуси Каюмарс хеле шабеҳият дорад. Номи қавму тоифаҳо ва дигар хусусиёт дар ҳар ду адабиёт яксон аст. Ҳоло дар Тибет як вилояте ба хотири сарзамини Тоҷик (Тагзи, Рткасик ва ғ.) Таксик ном дорад. Тибетиён ба поси он сарзамин писаронашонро Такзиг ном мегузоранд. Яке аз пайравони тариқат устод Милу Самлег аз шохаи Шанг Шунги Тагзиг (ин кишвари ориёӣ дар ғарби кунунии Хитой то асри 6 мелодӣ вуҷуд дошт- М.Ҳ.) тақрибан дар асри 5 қабл аз милод шеъре навишта будааст, ки қисмате аз тарҷумаи таҳтуллафзаш ин аст:

*Ба ҳар тариқ ва ба ҳар*
*сӯйе, ки менигарам,*
*Ҳеҷ чизе нест абадӣ*
*ва бидуни тағйир.*
*Гӯё моҳияти ашё фикри*
*ман аст ва аммо фикри ман*
*Он қадар тағйирёбанда аст,*
*ки субҳ фикре мекунам,*
*Аммо рӯзона алаккай*
*шубҳа меоварам ба он,*
*Бегоҳ комилан бо он*
*фикр мухолифу зидам.*

***Пас ба чӣ такя метавонам кард? -агар ҳатто Фикри шахсии ман ин гуна тағйирёбанда аст!...***

Тасаввур мекунем, ки агар дигар халқҳо чунин, ҳатто, бигузор, устураву афсона медоштанд, онро чи гуна истифода мебурданд! Омӯзиш ва ошкор намудани воқеияти таърихии тоҷикон дар бомдоди таърих даъвоҳои бебунёди баъзе таҳрифгарон ва ғосибони таърихи тоҷиконро фошу ботил месозад! Касе гӯяд, ки ин сана бисёр аст, ман мегӯям, ки ҳанӯз кам аст. Олимон пайдоиши нажоди кунунии панҷуми инсонро, ки нажоди ориёӣ ном дорад, ба 70 ҳазор сол ва инсони homo sapies-ро тақрибан ба 30 ҳазор сол пеш марбут медонанд. Яъне даҳҳо ҳазор соли таърихи тоҷикон ҳанӯз зери пардаи ноаёнист.

Аммо вақте навиштаҳои Тибети бостонро дар бораи кишвари Тоҷик арзёбӣ менамоем, воқеияти таърихиву ҷуғрофии он ҳувайдо мегардад. Масалан, рудҳои Сирдан (Сир), Вакшу (Вахш), номи тоифаҳои шаг (сака, сокой), хос (кос), то (Тоз), Му-шен (Машиёна) ва чандин номҳои дигар бо номҳо ва ҷуғрофияи имрӯзии Тоҷикистон ва номи тоифаҳо аз "Бундаҳишн" хеле шабеҳият доранд.

Яке аз чаҳор шаҳре, ки Тонпа Шенраб дар чаҳор самти кӯҳи Меру (кӯҳи Исмоили Сомонӣ) бунёд намуд, Карон аст, ки дар ноҳияи Дарвоз ҳафриёташ ошкор шудааст. Ин шаҳр дар асарҳои ориёҳиндӣ зикр гардидааст. Профессори Масковӣ Чудинов дар бораи як сарзамини қадими рус таҳқиқот бурдааст, ки си ҳазор сол пеш аз ин вуҷуд дошта, аз уқёнус (Атлантика) то уқёнус (Ором)-ро дар бар мегирифтааст. Мутобиқи баъзе навиштаҳо ҷазираи Му, ки гӯё уйғурҳо намояндагони насли онҳоянд, 25 ҳазор сол пеш вуҷуд дошта будааст. Аҳромҳои Миср, ки аз ҷониби ориёиҳо бунёд ёфтаанд, таърихи 12-13 ҳазорсола доранд. Олимони Украина давлати Араттаро дар ҳудуди беш аз 12-ҳазор таъин кардаанд. Солшумории баъзе халқҳо (аз ҷумла ҳиндуҳо) аз 10 ҳазор сол пештар аст. Барои миллате, ки дар шумори бунёдгузорони тамаддунҳо қарор дорад, санаи 18 ҳазор сол санаи муқаррарист. Дар китоби "Ориётоҷикон: 18 ҳазор сол пеш" дар ин мавзӯъ муфассал сухан рафтааст. Ҳарчанд барои дақиқ намудани масъалаи кишвари Тоҷик пажӯҳиши махсуси илмӣ лозим аст, аз ин далелҳо сарфи назар кардан нашояд. Муддатҳост, ки аз Россия ва кишварҳои зиёди дигар дар ин мавзӯъҳо пажӯҳишу экспедитсияҳо амалӣ шуда истодаанд. Дар ин бахш ин ҷониб солҳост, ки ба танҳоӣ пажӯҳиш мебарам. Дар бахши муайян намудани мавқеияти кишварҳову маҳалҳо кӯҳҳову рӯдҳои дар асарҳои бостонӣ зикршуда, маънои вожаҳову ҳамвожаҳо бештар аз 1000 назари навро пешниҳод кардаам. Он чи дар ин мавзӯъ фаъолият кардам, дар қудрати як тан пажӯҳишгари мустақил ҳамин қадар имкон вуҷуд дорад. Боқӣ кори муассисаҳову мақомоти марбута аст.

**ЭРОНИ ГУМШУДА" ВА "ҲИНДИ ГУМШУДА" ЧИСТ?**

***-Китобҳои Шумо, "Эрони гумшуда" ва "Ҳинди гумшуда"-ро мутолиа кардам ва ишораҳое дар бораи муҳтавояшон дар номи китобҳо рафтааст. "Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст" мегӯянд, мегуфтед, ки чаро китобҳоятон чунин номгузорӣ намудед ва манзури Шумо аз вожаи "гумшуда" чист?***

-Ҳиндустони кунунӣ ва Эрони кунунӣ на он кишварҳоеанд, ки дар "Ригведо", "Маҳабҳарата", "Пурон"-ҳо, "Рамаяна" ва дигар асарҳои ориёиҳиндӣ, инчунин "Авесто", "Бундаҳишн", дар қисмати аввали "Шоҳнома" ва дигар асарҳои дар боби ҷуғрофияи бостонии ориёӣ зикр гардидаанд. Дар ин асарҳо кишварҳои шарқи Осиёи Миёна - сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва минтақаҳои ҳамҷаворашон, ки тақрибан 8-10 ҳазор сол пеш аз ин вуҷуд доштанд, тасвир шудаанд. 7 кишвари ориёиҳиндӣ ва 7 кишвари ориёиэронӣ дар ҳамин минтақаҳо арзи ҳастӣ намуда буданд. Дар он айём давродаври қитъаи Ҷамбу - Помирро баҳри Лаванода - оби Шӯр иҳота мекард, ки бо баланд шудани кӯҳҳо, ба нишебиҳо шорида ҳоло дар ҷояш дарёҳои Сурхоб, як қисмати Хингоб, Панҷ ва Гёздарё ҷористанд. Кӯҳи муқаддаси Меру, ки Помир бо ихтисори ду ҳарфи аввалу охир - у-Памер-у аз ҳамин ном тасмия шудааст, кӯҳи кунунии ба номи Исмоили Сомонист. Руди Ганг, мутобиқи ривоятҳо аз чаҳор шохоб иборат буда, ба чаҳор самти кӯҳи Меру ҷорӣ мешудааст, он ба руди Ганги кунунӣ дар Ҳиндустон мувофиқат намекунад. Балки рудҳои Танимас, Ғунд, Ванҷоб, Сурхоб руди Ганги аслианд. Бҳаратаи ориёиҳиндӣ - ҳоло номи конститутсионии Ҳиндустон чунин аст ва Ҳаратии авестоӣ як ном буда, дар қисмати ҷанубии Помир воқеъ буд. Асарҳои ориёиҳиндӣ, ки зикрашон рафт, аз ҷониби аҷдоди муштараки ҳиндуҳо, тоҷикон, эрониён ва баъзе халқҳои ориёӣ дар сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон ва минтақаҳои ҳамҷаворашон эҷод гардидаанд. Аз ин рӯ, ин асарҳо мероси аҷдодии тоҷикон низ ба шумор меравand. Кишварҳои ориёӣ, 7 сарзамине, ки дар асарҳои ориёиҳиндӣ зикр шудааст, дар шарқи Осиёи Миёна воқеъ будаанд. Олимони Ҳинд ва дигар кишварҳо то ҳол дар бораи ин кишварҳо тахмину фарзия менависанд. Аз ин ҷост, китобамро дар бораи ин кишварҳо "Ҳинди гумшуда" номидаам.

Ҳамчунин аз ҷониби олимон ошкор нагардидани ҳудудҳои ҳафт кишвари ориёэронӣ Аризаҳӣ, Хуросон, Саваҳӣ, Ховар ё Шом, Воврубараштӣ ва Вовруҷараштӣ - Рум ё Бохтар, Фрададафшу ва Фрададафшу - Нимрӯз, Хванирас - Эронзамин имкон надод, воқеияти таърихиву ҷуғрофии ин сарзаминҳо ва кишварҳои ориёӣ ошкор карда шавад. Дар "Эрони гумшуда" бори нахуст ҳудудҳои ин сарзаминҳоро муайян кардаам. Эронзамин ё Хванирас аз ҷанубу шимол бо рудҳои Ому ва Сир, аз шарқ қаторкӯҳҳои Фарғонаву Сарикӯл, аз ғарб бо хатти Тирмиз-Самарқанд-Хуҷанд иҳота мешуд. Ҳар шаҳру кишваре, ки дар "Авесто" ва "Бундаҳишн" ҳамчун сарзамини эронӣ зикр шуда берун аз ин чаҳорчӯба ҷой медошт, ба Эроншаҳр шомил намешуд. Номҳои баъдии берун аз ин минтақа номҳои муҳоҷиршуда ва дуввуманд. Ва ҳар шаҳру кишваре, ки дар қисмати аввали "Шоҳнома" (то подшоҳии Ҳумой) ҳамчун сарзамини эронӣ номбар карда мешавад, дар ҳамин чаҳорчӯба шомил буд. Шаш кишвари дигар дар атрофи Хванирас ё Эроншаҳр ҷойгир буданд. Баъдҳо бо муҳоҷирату номгузориҳои дуввумӣ ин шаҳру кишварҳо дар дигар минтақаҳо арзи ҳастӣ карданд. Аксари пажӯҳандагон ин омилро ба назар нагирифтанд, ки иштибоҳоти ҷуғрофияи "Шоҳнома" аз ҳамин ҷо бархостааст.

Сарзаминҳои "Авесто" ва "Бундаҳишн" - ба истиснои чанд кишвар, ки дар натиҷаи таҳрироти баъдӣ ворид гардидаанд, ҳамагӣ дар шарқи Осиёи Миёна мавқеият доштанд. Рӯйдодҳои "Шоҳнома" дар ду давра ва дар ду минтақаи ҷуғрофӣ рух додаанд. Нахуст, аз оғоз то подшоҳии Ҳумой, дуввум аз подшоҳии Дороб то охир. Мутаассифона олимони пажӯҳишгари "Шоҳнома" ин нозукиро ошкор накарданд. Аз ин лиҳоз дар мушаххас намудани ҷуғрофияи ин шоҳасар бесомонӣ ба вуҷуд омад.

Тавре гуфта шуд, нисбати мафҳуми тозӣ ва тозиён низ чунин ҳол рух дод. Мафҳум ва ҷуғрофияи истифодаи тозӣ ва Тозиён низ ба ду қисмат ҷудо мешавад. Дар бахши нахусти "Шоҳнома" ҷуғрофияи ин вожаҳо дар нисбати минтақаҳои ғарби кунунии Хитой ва водии Фарғона истифода шудааст. Аммо дар бахши дуввуми ин шоҳасар мисли дигар ифодаву ҷуғрофияҳо истифодаи вожаҳои тозӣ дар нисбати арабҳо ба кор рафтааст. Зимнан бояд гуфт, ки дар "Шоҳнома" ду Эрон, ду Ҳинд, ду Рум, ду Форс ва баъзе кишварҳои дигар мавҷуд аст, ки ин дугонагӣ дар зоҳир чандон ба назар нанамояд, ҳам ҳангоми пажӯҳиш яке аз ин кишварҳо дар мавқеияти томуҳоҷиратӣ ва дигаре дар мавқеияти баъдимуҳоҷиратӣ ошкор мешавад. Ана ба ҳамин хотир "Эрони гумшуда" гуфтаам. Ҳоло бовар кардан, албатта, душвор, ки Систон, Ҳирманд Зобул, Ҷамбул-Замбул - Помири кунунӣ, Яман - Сарикӯл, Кашмир - Тошқӯрғон, Порт, Форс - Паретакен - Қаротегин, Нимрӯз - Бадахшону Хатлон, Исфаҳон - Испана, воқеъ дар водии Фарғона, Бағдод - Бағдод, воқеъ водии Фарғона будаанд. Ҳамин тавр то замони Ҳумой ҳар кишваре, ки дар "Шоҳнома" зикр шудааст, онро дар ҳамин минтақаҳо бояд суроғ кард. Олимони Ғарб ва Эрон дар нақшаҳояшон 16 кишвари Аҳуроофаридаро ба ҷуз Суғд, дар он сӯи руди Ому тасвир кардаанд. Дар нақшае, ки ин ҷониб тартиб додаам, воқеият чунин аст: 1. Эронвиҷ - водиҳои Олой ва Лахш; 2. Суғд - шимоли руди Сир дар Фарғона - Чуст, Ғовасой; 3. Мауру - Марғ - Мурғоб дар Бадахшон; 4. Балх - дар резишгоҳи рӯди Исфара. Балхи дуввум, ки Гуштосп сохт, ҳоло низ бо номи Балх дар ноҳияи Лахш вуҷуд дорад; 5. Нисо дар ҷануби ғарбии Фарғона воқеъ буда, дар асарҳои асримиёнагӣ номаш боқист). 6. Ҳарӣ - - самти ҷанубии қуллаи Ғалаба дар Тяншан; 7. Ваюкерета - Кобул - дар шарқи қаторкӯҳи Фарғона; 8. Урва - шимоли шарқии Сарикӯл; 9. Хнента дар Гургон ё Вркана-шимоли шарқии шаҳри Тошканд; 10. Ҳараҳватии зебо - дар соҳили руди Тарим, ғарби кунунии Хитой; 11 Ҳирманд - Ҳилманд, воқеъ атрофи кӯли Суман - Яшилкӯл, Бадахшон; 12. Рага - Роға, - дар саргаҳи руди Хингоб; 13 Чахра, ҳоло бо номи Чархлик дар ҳамҷавории Хутан боқист; 14. Варена - дар самти ғарбии Иссиққӯл; 15. Ҳафтруд- минтақаи ҳамҷояшавии рудҳои Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Сурхондарё, Қундуздарё, Қашқадарё ва руди Шерobod; 16. Упа Аузаешу Аранг - сарчашмаи руди Сир. Бубинед, ҳатто Суғд, ки олимон Суғди кунунӣ ва водии руди Зарафшон пиндоштаанд, дар дигар маҳал - дар Чуст, Намангон воқеъ будааст.

**КАШИДАНИ ХАРИТАИ РАВУОИ ҚАҲРАМОНОНИ "ШОҲНОМА"**

***-Устод, аз як муҳаққиқи дигар дар бораи аз таърих қисса кардани "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ пурсон шуда будам, ӯ ҳам дар ин масъала чизе нақл карда буд, ҳамзамон қайд кард, ки Муҳтарам Ҳотам харитаи равуои қаҳрамонони "Шоҳнома"-ро кашидаву таҳқиқ кардааст ва ман ҳам бар ин бовар дорам, ки Шумо чунин кор кардед, имкон бошад тазаккур бидиҳед чи гуна харитаи ин китоби бузургро кашидаед, зеро танҳо хондани 120 ҳазор мисраъ назм вақти зиёд мегирад?***

-"Шоҳнома" як уқёнуси бузург аст ва таҳқиқоту пажӯҳиши мо мисли як заврақи коғазиест, ки ин завраҷа дар амвоҷи пуртуғёнаш метавонад ба ҷое нарасад. Ин шоҳасар як бахши муҳимми таърихи нажоди ориёӣ, бахусус тоҷикон аст. "Маҳабҳарата" низ таърихи ориёист. Ҳиндуҳо онро на ҳамчун асотир, балки ҳамчун таърихи воқеӣ мешуморанд, ки аз гузашти рӯйдодҳои он бештар аз 12000 сол сипарӣ шудааст. Ин сана санаи солшумории кунунии ҳиндуҳост. Аммо ин санаи солшумории тоҷикон низ бояд бошад. Зеро ин асар дар ин минтақа аз ҷониби аҷдоди муштараки мову ҳиндуҳо эҷод шудааст. Мо бояд таърихи гумшудаи худро пайдо кунем. Зеро таърих як рукни асосии ҳастии миллат аст.

Муносибати рӯякӣ бо "Шоҳнома" боиси он гардидааст, ки бисёр пажӯҳишгарон ин шоҳасарро, хусусан қисмати аввалашро афсонаву асотир мешуморанд. Ҳаким Фирдавсӣ ба ин гуна пажӯҳишгарон "Ту онро дурӯғу фасона мадон" - гуфта буд. ? дар ҷое изҳор доштааст, ки ҳангоми гирдоварии маводи "Шоҳнома" номаҳои куҳани пароканда ба дасташ расид ва ӯ онҳоро бо як рабту низом даровард.

*Яке нома буд аз гаҳи бостон,*
*Фаровон бад-ӯ андарун достон.*
*Пароканда дар дасти ҳар мӯбаде,*
*Аз ӯ баҳрае бурда ҳар бихраде.*

Ва Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун эҷодкор ҳақ дошт, ки он парокандагиҳоро ба ҳам бупайвандад. Он гуна пайваст, ки баъзе муҳаққиқон то кунун пайванди онро дарк накардаанд. Муҳаққиқи эронӣ Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ дар асараш "Нақшаи ҷуғрофиёи Шоҳномаи Фирдавсӣ" 325 номи ҷуғрофиро зикр карда, ҷойгоҳи қисмати зиёди номҳои "Шоҳнома", аз ҷумла, Кангдиж, Алмосруд, Сагсор, Талимон, Кангдиж, Оби Маям, Кӯҳи Қулу, Мои Ҳинд ва ғайраро номаълум гуфтааст. Мо ҷойгоҳи аксари ин номҳоро ошкор намудем. Як чиз ҷолиб аст, ки Ҳаким Фирдавсӣ асарашро дар асоси номаҳои куҳан он гуна бекаму кост навиштааст, ки ҳангоми баррасии мавзеъ гумон меравад он ҷойҳоро худ ба чашм дида бошад. Чунин ҳол ҳангоми тасвироти "Достони дувоздаҳ рух" ба назар мерасад, ки мутобиқи пажӯҳиши мо ин ҷанг дар дашти Ҳодарвеши назди Конибодом ба вуқӯъ пайваста буд. Ҳатто номи кӯҳи Сиёҳ, ки дар "Шоҳнома" омадааст, имрӯз низ боқист. Ё кӯҳи Қулу, ки Сиёвуш ҳангоми фирораш ба назди чӯпонони ин кӯҳ меравад ва Пирон Кайхусрави хурдсолро ба чӯпонони ин кӯҳ месупорад, дар наздикии Хутан имрӯз низ бо ҳамин ном вуҷуд дорад. Чунин далелҳое, ки аз воқеияти рӯйдодҳои "Шоҳнома" гувоҳӣ медиҳанд, зиёданд...

Шумо аз нақшаҳои гардишҳо, амалиётҳо ва хатсайрҳои қаҳрамонҳои "Шоҳнома" суол кардед. Бисёр воқеиятҳои "Шоҳнома"-ро дар асоси нақша ошкор кардан имкон дорад. Масалан, вақте шоҳи Эрон Кайковус дар асорати шоҳи Ҳомоварон қарор дошт, Афросиёб аз Тӯрон ба Эрон ҳуҷум мекунад. Рустам аз Зобул нахуст ба Ҳомоварон омада Ковусро аз банд озод мекунад, пасон бо Афросиёб ба ҷанг мешавад. Бисёр донишмандон Эронро Эрони кунунӣ, Ҳомоваронро Ямани кунунӣ ва Зобулро Зобули кунунӣ пиндоштаанд, ки дар чунин сурат Рустам бояд аз Эроне, ки дар тасаррufи Афросиёб будааст, гузашта бояд ба Ҳомоварон бирвад ва Ковусро озод кунад. Аммо воқеият чунин аст: Зобул - Бадахшон, Ҳомоварон - Ҳисор, Эронзамин - Фарғона. Рустам аз Зобул - Бадахшон - ба Ҳомоварон - Ҳисор омада Ковусро озод мекунад, пас он ба Эрон рафта Афросиёбро шикаст медиҳад.

Мисоли дигар: дар бораи мавқеияти ҷуғрофии Мозандарони "Шоҳнома" назарҳо гуногунанд. Маънои Мозандорон кишвари бузургҷуссаҳо мебошад. Тавре аз "Шоҳнома" маълум аст, Рустам баъди гузаштани Ҳафт хон ба Мозандарон рафта, Ковусро аз банд раҳо мекунад. Бисёр донишмандон чунин назар доранд, ки Мозандарони "Шоҳнома" дар дигар мавқеият ҷой дошт. Масалан донишманди эронӣ Ҷалили Зиёнур, дар асараш "Мозандарони Фирдавсӣ куҷост?" онро дар Ҳиндустон донистааст. Муҳаққиқи итолиёвӣ Ҷ. Скарча ёдрас мекунад, ки бисёр муаллифон, аз ҷумла муаллифи "Иҳёу-л-мулук", Маркварт ва дигарон дар бораи дар дигар ҷой будани Мозандарони пешин изҳори назар кардаанд. Дар асоси нақша ман муайян кардам, ки Мозандарон дар Олтойи кунунӣ воқеъ будааст. Ҳатто маълум шуд, ки Ковус ба Мозандарон аз роҳи дарози бехавф, яъне аз тариқи Чоч (Тошканд) ва самти шимолии қаторкӯҳи Тяншан ҳаракат карда буд. Вале Рустам бо маслиҳати Зол аз Систон (Бадахшон) бо роҳи кӯтоҳ - аз самти ҷанубии Тяншан ба сӯи Мозандарон - Олтой роҳ мегирад. Рустам баъди гузаштани Ҳафтхон ба Мозандарон рафта, Ковусро аз банд раҳо мекунад. Нақшаи худро бо асотиру афсонаҳои Чини бостон, мардуми Олтой ва дигар сарчашмаҳо муттако ва муътамад кардаам.

Ҳамчунин дар асоси нақша ва дигар далелҳо маълум гардид, ки Хоразми "Авесто" ва "Шоҳнома" Саразми кунунӣ будааст. Ин гуна далелҳо зиёданд. Дар "Шоҳнома" руди Ому ё Ҷайҳун ҳамчун сарҳади миёни Эрону Турон истифода шудааст. Зеро дар замони Ҳаким Фирдавсӣ чунин назар вуҷуд дошт, ки то кунун низ вуҷуд дорад. Аммо дар асл руди Сир ё Сайҳун сарҳади миёни Эрону Турон буд. Ҳангоми баррасии рӯйдодҳои "Шоҳнома" агар Омӯ ё Ҷайҳунро Сирдарё ва ин рӯдро сарҳади миёни Эрону Турон бишуморем, ҳама рӯйдодҳо ва воқеот ба ҷойи худ қарор мегиранд.

Ман танҳо он кишварҳои "Шоҳнома"-ро мавриди таҳқиқ қарор додаам, ки то подшоҳии Ҳумой, набераи Исфандиёр зикр шудаанд. Кишварҳое, ки дар қисмати дуввуми ин асар номбар гардидаанд, мавқеият ва ҷойгоҳашон аксаран маълум буда, ҳеҷ гуна шубҳаеро ба вуҷуд намеоранд. Пайдо кардани мавқеияти аслии Зобул, Систон, Порс, Исфаҳон, Хуросон ва ғайра дар ҳудудҳои кунунии шарқи Осиёи Миёна кори хеле заҳматталаб аст.

*(Идома дорад)*

# ТОҶИКИСТОН - КИШВАРИ ГИЁҲҲОИ ДАРМОНБАХШ



*Дилором САЙДАҲМАДОВА,*
*номзади илми педагогика, дотсент,*
*ноиби ректор оид ба тарбия*

***Ба табобати беморон ҳамон вақт кафолат дода мешавад, ки агар сифати доруворӣ таъмин карда шавад. Бо назардошти он, ки зиёда аз 90%-и доруворӣ ба Точикистон аз хориҷи кишвар ворид мегардад, танзими арзиши доруворӣ, сарфи назар аз мураккабии он, масъалаи бисёр ҳам муҳим ва рӯзмарра мебошад.***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2016 чунин иброз намуданд, ки "Ҳукумати Тоҷикистон дар раванди идома бахшидани ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ба масъалаҳои беҳтар намудани дастрасӣ, сифат ва самаранокии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, инчунин, рушди шаклҳои нави кӯмаки аввалияи тиббиву санитарӣ аҳамияти хоса медиҳад. Зеро миллати солим таҳкурсии ҷомеаи солим мебошад".

Дар Паёми имсола бошад, дар баробари дигар масъалаҳои мубрами рӯз ба тараққиёт ва пешрафти соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода, ин соҳаро яке аз соҳаҳои муҳими ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ арзёбӣ намуданд. Сарвари давлат иброз доштанд, ки барои рушди ин соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардидааст.

Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмиллалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд. Дар ин раванд моро зарур аст, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ, оину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима саъю кӯшиш намуда, нақши тамаддунсози миллати тоҷикро дар арсаи байналмиллалӣ боло бардошта, ба қадри он ҳама неъматҳои табиие, ки худованд ба мо ато намудааст, расида, боигариҳои онро ба манфиати хеш самаранок истифода барем.

Тоҷикистони офтобрӯяи мо яке аз мамлакатҳои бойтарин аз ҳисоби растаниҳои шифобахш буда, манбаи нодири рушди саноати доруворӣ аз лиҳози экологӣ тоза ба ҳисоб меравад. Гиёҳҳои дармонбахши Тоҷикистон сифати хуби давоӣ дошта, барои дорусозӣ хеле мувофиқанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки рустаниҳои шифобахши минтақаи Дашти Ҷум, Балҷувон, Сари Хосор, Ховалинг ва Помир аз лиҳози экологӣ тозатарин буда, аз моддаҳои фаъоли биологӣ хеле бой мебошанд. Айни ҳол, дар бораи хусусиятҳои шифобахшии растаниҳои ин минтақа, ширинбия ва чатрақоқу, ки хосияти шифобахшии зиёд доранд, маълумот медиҳем.

Ширинбия аз ҷумлаи растаниҳое мебошад, ки дар тамоми дунё маълуму машҳур аст, вале на ҳама дар бораи ин растанӣ маълумот доранд. Кишварҳое ҳастанд, ки дар он ҷойҳо ин растанӣ намерӯяд, вале онро ҳамчун доруворӣ дар соҳаи тиб, дар саноати рангубор ва хӯрокворӣ истифода мебаранд.

Ширинбия растании бисёрсола буда, ба оилаи лӯбиёгиҳо мансуб аст, ки решаи чуқури боқуввати мураккаб дорад. Вазни решаи як ширинбия 1000-1200 граммро ташкил медиҳад. Баландии ин растанӣ то 2 метр шуда, вай дар моҳи май, июн гул карда, мевааш дар моҳи сентябр, октябр мепазад



ва решааш таъми ширин дорад.

Ширинбия ё ба истилоҳ "солодка" калимаи юнонӣ буда, ҳанӯз дар асри 1-и баъди мелод табиби юнонӣ Диоскарид ӯро глиоза номид, ки маънои ширин буданро дорад.

Дар тибби қадими Хитой "хунгир гань цао", яъне алафи ширин номида мешуд. Дар дунё 17 намуди ширинбия мавҷуд аст. Дар мавзеъҳои собиқ Иттиҳоди шӯравӣ бошад, 7 намуди ин растанӣ ва дар Тоҷикистон 4 намудашро вохӯрдан мумкин аст.

Ин растании шифобахш бисёртар дар соҳилҳои дарёи Панҷ, Оби Ниёб, Ёхсу, киштзору кӯҳсорҳои ноҳияи Мӯъминобод месабзад. Афзоиши вегетативӣ дошта, асосан қисми болоии решаашро дар саноати доруворӣ истифода мебаранд.

Дар мамлакатҳои Ғарб маҳлули аз решаи сус тайёршуда барои истеҳсоли кока-кола, пепси -кола, шароб, оби ҷав истифода мешавад.

Аз сабабе ки маҳлули решаи сус кафки бисёр дорад, дар саноати металлургӣ дар протссеси электролизи металлҳои ранга истифода мешавад.

Дар тибби халқӣ барои муолиҷаи илтиҳоби шадид ва музмини узвҳои нафаскашӣ, узвҳои ҳозима, бемориҳои пӯст истифода мешавад.

Дар тибби қадими Осиёи Миёна, Эрон, Ҳиндустон, Тибет, Булғория ҳамчун доруворӣи растанигӣ мавқеи аввалро дорост.

Дар тибби қадими Хитой сус ҳамчун алафи пойдории ҷавонӣ ва хубрӯӣ мавқеи аввал дорад ва то ҳол барои муолиҷаи бемориҳои меъда, ҷигару гурда, камхунӣ, бемориҳои сироятӣ ва фалаҷ истифода мешавад.

Ҳанӯз дар замони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мардуми мо ба хосиятҳои шифобахшии ин растанӣ шинос буданд ва тарзи истифодаи онро низ хуб медонистанд. Чунон ки устод Рӯдакӣ гуфта:

Суси парварда бо май бигдохта,
Нек дармоне занонро сохта.

Ба ин навиштаҷот устод Рӯдакӣ омехтаи маҳлули сус ва шаробро барои муолиҷаи камхунии занҳо тавсия додааст. Тибби қадими Ҳиндустон ширинбияро барои муолиҷаи бемории диққи нафас, кулиндж бемории чашму гурда тавсия медиҳад.

Дар тибби ҳозира сус барои муолиҷаи бемориҳои узвҳои нафаскашӣ, гурда, узвҳои ҳозима, захми меъда ва рӯда, илтиҳоби меъдаю рӯда истифода мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз решаи ширинбия тайёр намудани маводи доруворӣ дар шароити хона бисёр қулай буда, барои дармон бахшидани беморон низ таъсири тезтару хубтар мерасонад, ҳамзамон аз ҷиҳати камхарҷ буданаш низ манфиатовар аст.

Ба 50 грамм решаи ширинбия 50 мл об ҳамроҳ карда, 30 дақиқа дар оташи паст меҷӯшонанд ва аз ин маҳлул 1-2 қатра рӯзе 3-4 маротиба 10-15 дақиқа пеш аз хӯрок истеъмол мекунанд.

Растании дигаре, ки дар шароити Тоҷикистон афзоиш ёфта, хосияти шифобахшӣ дорад ин чатрақоқу аст, ки бо номҳои чачрақӣ, косни, гули тотор, талхаи кабуд машҳур буда, бо русӣ "цикорий обыкновенный" (cichorium ihtybus) ном гирифтааст.

Чатрақоқу растании бисёрсолаи алафӣ буда, то 150 см бо танаи қабурғадор ва навдаҳои химчамонанд қад мекашад. Решаи бисёрсолаи устувор ва гулҳои кабуд дорад ва аз моҳи июл то сентябр гул мекунад. Вай дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна, Қавқоз ва Украина паҳн гаштааст. Дар таркибаш моддаҳои кимиёвӣ ба мисли инулин (моддаи талх) то 60%, фруктоза 4,5-9,5%, левулоза то 10-20% дорад. Решаашро дар аввали баҳор ва дигар қисмҳояшро ҳангоми гулкунӣ ва тирамоҳ ҷамъоварӣ мекунанд.

Дар гулҳои косни гликозиди цикорин ёфт шудааст, ки сабаби чунин ном гирифтани ин растанӣ, яъне цикорий шудааст. Дар таркибаш инчунин витаминҳои B1,B2,PP, моддаҳои минералии натрий (Na), калий (K), калсий (Ca), оҳан (Fe) ва фосфор (P) дорад.

Решаи косни ивазкунандаи қаҳва буда, бартариаш дар он аст, ки дар таркибаш кофеин надорад ва сабабгори бехобию фишорбаландӣ шуда наметавонад. Дар тибби халқӣ маҳлули афшурдаи вайро барои афзудани иштиҳо, муолиҷаи бемории диабети қанд, бемориҳои узвҳои ҳозима (меъдаю рӯда ва ғадуди зери меъда), бемориҳои пӯст истифода мебаранд.

Дар тибби ҳозира аз таркиби ин растанӣ доруворӣ барои муолиҷаи бемориҳои талхаву ҷигар, муолиҷаи ҷароҳатҳо ва муолиҷаи илтиҳоби шаддиду музмин тайёр мекунанд. Косни дар Фаронса яке аз доруҳои асосии муолиҷаи бемориҳои узвҳои ҳозима ҳисобида мешавад.

Ҳанӯз соли 1984, профессор Ю.Н.Нуралиев бо роҳи таҷриба нишон дод, ки ширае, ки аз решаи косни гирифта мешавад, дар муддати аз 15 то 40 рӯз ба беморони диабети қанд муолиҷа мебахшад.

Аз ин растанӣ дар шароити хона ба таври зерин дору, маводи доруворӣ тайёр кардан лозим аст: 20 гр решаи майдакардашудаи косниро гирифта, дар 200 мл об то муддати 30 дақиқа меҷӯшонанд. Аз ин маҳлули тайёркардашуда ҳар рӯз 3 маротиба, 1-2 қошуқ, 20 дақиқа пеш аз хӯрок барои баланд шудани иштиҳо ва талхаронӣ истифода мебаранд.

Дар маҷмӯъ, олами растаниҳои Тоҷикистон аз гулу гулбуттаҳо ва растаниҳои шифобахш бой буда, ҳангоми омӯхтани хосиятҳои шифобахшии онҳо метавон онҳоро васеъ истифода бурда, ба дардҳои худ даво бахшид.

# ОМӮЗИШИ КАЙҲОН ЗАРУР АСТ!



*Хатичамо АЛАМОВА,*
*ассистенти кафедраи физикаи*
*умумӣ ва назариявӣ*

Ҳанӯз дар асри II пеш аз мелод олимон нақшаи ҷойгиршавии саёраҳои системаи офтобиро тартиб дода буданд. Дар он замонҳо ақидаи заминмарказ (геосентри)-и Птоломей ҳукумфармо буда, калисаҳои насронӣ онро тарафдорӣ мекард. Мувофиқи ин назария ҷисмҳои осмонӣ худ аз худ таҳти таъсири қувваҳои берунӣ ҳаракат мекунанд. Тарафдорони ин ақидаҳо аз нуқтаи назари илмӣ фаҳмида наметавонистанд, ки каметаҳо чи гуна меафтанд, шабу рӯз чӣ гуна ба вуҷуд меоянд ва ғайраҳо…

Дар асри II-и пеш аз мелод Гиппор назарияи ҳаракати офтоб ва моҳро пешниҳод намуд ва Кеплер ин назарияро пурра намуд. Баътар олими лаҳистонӣ Н.Каперник аввалин шуда нишон дод, ки олами мо сохти офтобмарказ (гелиосентрӣ)-ро дорад. Ба гуфти Коперник дар маркази олами мо офтоб ҷойгир аст ва сайёраҳо дар атрофи он аз рӯи мадори доиравӣ гардиш мехӯранд. Назарияи Каперник то замони мо қимати худро гум накардааст.

Баъдтар соли 1609 Галилео Галилей аввалин телескоп (лулаи дид)-ро сохта, ситораҳову сайёраҳоро мушоҳида намуда, чор радифи саёраи Юпитерро ошкор сохт. Ҳангоми мушоҳида Галилей боварӣ ҳосил намуд, ки манзумаи офтоби Каперник дуруст аст. Илми астрономия баъди Инқилоби Октябр аз дин ҷудо шуд. Олимони советӣ ба воситаи телескопҳои пуриқтидор хусусиятҳои физикӣ ва химиявии ҷирмҳои осмониро омӯхта, натиҷаҳои хуби илмӣ ба даст оварданд ва ба ҳамаи ин нигоҳ накарда хусусиятҳои ҷирмҳои осмонӣ номаълум буданд. Ба инсоният зарур омад, ки аз техникаи пуриқтидор истифода барад. Инкишофи космонавтика ба ҳалли як қатор вазифаҳое, ки иҷрои амалии онҳо дар тамоми кураи замин ғайриимкон буд, ёрии калон расонид. Бори аввал солои 1957 радифи маснуъи замин сар дода шуд ва соли 1959 ба моҳ расид. 4-уми октябри соли 1959 стансияи автоматии "Луна- 3" ба сӯи моҳ роҳсипор шуд, ки вай сурати тарафи ноаёни моҳро, ки аз замин дида намешуд, гирифта ба замин фиристод. Нахустин бор глобуси моҳ тартиб дода шуд. Асосгузори назарияи ҳаракатдиҳандаҳои реактивӣ К.Э.-Сиалковский мебошад, ки дар таърих дар қатори олимони барҷастаи дунё навишта шудааст. Хизмати шоёни Сиалковский буд, ки 12-уми апрели соли 1961 дар Иттиҳоди Шуравӣ дар таърих аввалин маротиба одам ба кайҳон парвоз намуда, 1 соату 48 дақиқа кайҳонро давр зад. Бори аввал аз фазои кайҳонӣ овози одами Шӯравӣ шунида шуд. Ин рӯз ҳамчун Рӯзи кайҳоннавардон дар тамоми ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад.

Баъди аз чор моҳи парвози Ю.А.Гагарин кайҳонавард Г.Титов 25 соат дар мадор давр зад. Пас аз он ба киштии "Восток-3" ва "Восток-4" кайҳоннавардон Николаев ва Попович подполковник Биковский ва аввалин қаҳрамонзан дар ҷаҳон В.Н.Терешкова бо киштии кайҳонии "Восток-5" ва "Восток-6" парвози бомуваффақият анҷом доданд.

Натиҷаи татқиқотҳои парвозҳои кайҳоние, ки мутахасисони Шӯравӣ ҷамъбаст намуда буданд, имконият дод, ки таҷрибаҳои минбаъда дар асоси тадқиқотҳои илмӣ гузаронида шавад. Киштии Шӯравӣ "Восход" дар ҳайати кайҳоннавардон Камаров, Феоктистов ва Егоров ба экспедитсияи илмӣ бо кайҳон парвоз намуд. Саволе ба миён омад, ки оё одам дар фазои кушод зиндагӣ ва кор карда метавонад?

Дере нагузашта ба ин савол ҳам ҷавоби асоснок гирифта шуд. Ба кишти "Восход-2" кайҳоннавардони советӣ Беляев ва Леонов таҷрибаи бузурге, ки бори аввал аз киштӣ ба кайҳон баромадани инсонро гузаронида нишон доданд. Муваффақияти дигар дар ин соҳа он буд, ки бо ҳамдигар васл гардидан ва аз ҳамдигар ҷудо шудани киштиҳо дар мадор аз як киштӣ ба дигараш гузаштани кайҳоннавардон бо киштиҳои "Союз-4" ва "Союз-5" анҷом дода шуд. Киштиҳои Союз нисбат ба киштиҳои Восток ва Восход имконияти хеле бузург фароҳам овард. Киштиҳои "Союз-6", "Союз-7" ва " Союз-8" дар якҷоягӣ парвозро идома дода, дар соҳаи корҳои кафшергарӣ дар кайҳон таҷрибаҳо гузарониданд. Бо киштии кайҳонии "Союз-9" тадқиқотҳои тиббию биологӣ ҳангоми парвози дуру дароз ва бо киштии кайҳонии "Союз-17" тадқиқотҳои астрофизикӣ гузаронида шуд.

Парвози стансияҳои "Венера" ба олимони Шуравӣ имкон дод, ки таркиби химиявии атмосфераи Зуҳраро муайян намоянд. Ҳангоми татқиқот дар сайёраи Зуҳра саволе ба миён омад, ки оё дар ҳавои Зуҳра азот мавҷуд аст?

Хулоса, кайҳоннавардӣ дар таърихи инкишофи ҷамъияти инсонӣ воқеаи беҳамтое дар ҷаҳонбинии наслҳои ҳозира ва ояндаи насли ҷавон мебошад.

***Бахшида ба 70-солагии забоншинос, мутарҷим, доктори илми филология, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдусалом МАМАДНАЗАРОВ***

# 70 СОЛИ УМРИ ФАРЗАНДИ БАРӮМАНДИ МИЛЛАТ!



Дониш сипари инсон, роҳнамою дастгир ва тавону дармони ӯст. Тавассути дониш ҳар фард фатҳи қуллаҳои мурод мекунад ва ба пешрафту ободонии ҷомеа ҳиссагузор мешавад.

Ман ҳамчун унвонҷӯ аз соли 2016 зери роҳбарии устод Мамадназаров Абдусалом дар мавзӯи "Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва наҳвии ҷонишинҳои манфӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" аз рӯи ихтисоси 6Д.КОА.022 - филологияи хориҷӣ тадқиқот бурда истодаам. Хушбахтона, бо маслиҳату дастгириҳои падаронаи устод рисолаи худро ба анҷом расонидам. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола, дар маҷаллаҳои илмие, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии КОА (ВАК)-и Вазорати маориф ва илми Россия шомиланд, ба табъ расидаанд.

Устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдусалом Мамадназаров, доктори илмҳои филологӣ, профессор, забоншинос, мутарҷим, луғатнигор санаи 14-уми апрели соли 1948 дар шаҳри Хоруғ ба дунё омадааст. Ӯ марди хеле хоксор, инсондӯст ва меҳрубон мебошад.

Хатмкардаи Институти педагогии шаҳри Душанбе буда, аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро (ДМТ) соли 1984 хатм намудааст. Солҳои 1972-1981 муаллими кафедраи забони англисии ДДТ, 1982-1984 аспирант, 1986-1992 дотсенти кафедраи забони англисӣ, 1993-1994, устод ва муҳаққиқи Донишгоҳи Бритиш Каламбияи шаҳри Ванкувери Канада, 1993-2000 мудири кафедраи забони англисии ДДМТ кор кардааст.

Абдусалом Мамадназаров соли 2000-ум дар Университети Индиана (Блумингтон) ва Университети Ҷон Хопкинс, Вашингтон ДС, дар мавзӯи "Низоми макотиби олии ИМА" тахқиқоти илмӣ бурдааст.

Солҳои 1996-1999 ба ҳайси ҳамкотиби Комиссияи муштараки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсиси Донишгоҳи байналмилалӣ дар шаҳри Хоруғ ва дар дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба кишварҳои Осиё, Руссияю Амрико, Канадаю Британияи Кабир, Шветсарияю Франсия, Германияю Покистон, Туркияю Непал сафар карда, бо барномаҳои таълимӣ ва сохтори мактабҳои олии пешқадами ин кишварҳо аз наздик шинос шудааст. Инчунин, барои тайёр кардани пешниҳод оид ба таъсиси донишгоҳи нави инноватсионии Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон саҳм гузоштааст.

Устод А.Мамадназаров аз соли 2000 то соли 2010 ба ҳайси директори Созмони Байналмилалии Таҳқиқот ва Табодули Тоҷикистон (IREX), ҷонишини сарвари Созмони Байналмилалии Фокуси Тоҷикистон ва Менеҷереи шӯъбаи грантҳои Созмони Байналмилалии Урбан Институти Тоҷикистон самаранок адои вазифа намудааст. Имрӯзҳо А.Мамадназаров ба ҳайси профессори кафедари забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таълиму тарбияи донишомӯзон машғул аст.

Дар соли 2013 Абдусалом Мамадназаров рисолаи докториро дар мавзӯи "Ташаккул ва такомули луғатнигории тарҷумавии тоҷик дар садаи XX ва аввали асри XXI" дифоъ намуд.

Осори профессор Абдусалом Мамадназаров хеле ғанӣ мебошад. Устод муаллифи зиёда аз 110 китобу рисолаю дастур ва мақолаҳои илмӣ-методист. Ӯ аз ҷумлаи нахустин олимони забоншиносу мутарҷимони тоҷик аст, ки бевосита аз забони тоҷикӣ ба англисӣ ва аз англисӣ ба тоҷикӣ тарҷума мекунад. Зиёда аз 20 асарҳои илмӣ, таърихию фарҳангиро бевосита аз забони англисӣ ба тоҷикӣ ё аз тоҷикӣ ба англисӣ тарҷума кардааст, ки онҳо: "Президенти мо", "Понздаҳсолагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон", "Савганди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ҳукумати Амрико", "Иқтисодиёти Амрико", "Таърихи Амрико", "Исмоилиён: таърих ва ақоид", "Бунёди давлатдории навин ва Афсонаҳои аврупоиён дар бораи исмоилиён", "Таърихи Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг" аз ҷумлаи онҳост.

Устод А.Мамадназаров ҳамчун луғатнигор, муаллифи нахустин фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ аст, ки соли 2003 дар ҳаҷми 13 ҳазор калимаю ибора, соли 2007 дар ҳаҷми 25 ҳазор калимаю ибора ва соли 2011 ва 2015 дар ҳаҷми 100 ҳазор калима ва ибора чоп шуда, дастраси хонандагони тоҷик гардидааст.

Соли 2017 нашриёти бонуфузи Донишгоҳи Оксфорди Британияи Кабир "Оксфорд Юниверсити Пресс" (Oxford University Press), ки чандин фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи забонҳои дунёро рӯи чоп овардааст. "Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ"-и профессор А.Мамадназаровро онлайн, яъне мустақиман дар шабакаи умумиҷаҳонии Интернет чоп намуданд, то ки он барои ниёзмандон дар тамоми ҷаҳон бо пайваст шудан ба Интернет дастрас шавад. Мо, метавонем аз фарҳанги устод тавассути Интернет баҳраманд шавем. Дар сатҳи байналмилалӣ, аз тарафи "Оксфорд Юниверсити Пресс" чоп шудани "Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ"-и профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон устод А.Мамадназаров аз он шаҳодат медиҳад, ки ин асари устод ба тамоми меъёрҳои муосири фарҳангнависии ҷаҳонӣ ҷавобгӯй мебошад ва мо устодро бо ин дастоварди бесобиқа, ки тоҷикону тоҷикиро дар маҳфилҳои ҷаҳонӣ муаррифӣ месозад, табрик менамоем.

Устод А.Мамадназаров бо Ордени хизмати шоиста ва ифтихорномаҳои зиёд сарфароз гардидааст.

Устоди азиз, Абдусалом Мамадназаров 14-уми апрел солрӯз доранд ва ба сини муборакӣ 70 қадам мегузоранд. Аз ин рӯ, устодро бахшида ба 70-солагиашон табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани нерӯманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно дорам. Бигузор сарбаландӣ ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шӯҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷгоҳ Бахт ва Хизр кошонаи Шуморо тарк насозанд!

***Чашме нарасад ба эътиборат,***
***Ҳифзи яздонӣ бувад нигорат.***
***70-солагӣ фархунда бод, устоди арҷманд!***



*Баҳриддин МУРОДОВ,*
*ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*



*Рухшона НАЗАРОВА,*
*омӯзгори Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# ОБ САРВАТИ БЕБАҲОСТ!

Об муъҷизаи бебаҳои табиат буда, асоси пайдоишу пойдории олам аст. Арасту

Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон чун кишвари пешоҳанг ва ташаббускори калиди мавзӯи об шинохта шудааст. Мо аз иқдомҳои Президенти Тоҷикистон дар самти об истиқбол мекунем.

Оре, об манбаи ҳастии ҳамаи мавҷудоти олам аст. Об захираи бузургест, ки воқеияти он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Ҳастии гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот, растаниву инсоният, хосса зиндагии осоиштаву ободӣ ва озодагиву пурбаракатӣ ҳама ба об вобастагӣ дорад. Обро инсон барои нӯшидан, пухтани хӯрок, шустушӯйи сохтани манзил, тозагии кӯчаҳо, обёрии заминҳо истифода мебарад. Инчунин одам бо роҳҳои обӣ завраққу киштӣ ронда, ҳар гуна бор ва мусофиронро мекашонад. Оби шаршарадор турбинаҳоро ба ҳаракат даровarda, ҷараёни электрикӣ ҳосил мекунад. Бо қувваи оби зиёд чархи санги осиёб, дастакҳои обҷувоз ҳаракат мекунанд.. Кори ягон соҳаи саноат бе об пеш намеравад. Дар фабрикаву заводҳо обро барои тайёр кардани маҳлули рангҳо, оҳар додани матоъ, коркарди пӯст, тайёр кардани коғаз, собун, нонпазӣ, нӯшокиҳои гуногун истифода мебаранд.

Инсон бе об зиндагӣ карда наметавонад. Ҳатто қисмати зиёди вазни бадани инсоният аз об иборат аст. Инсон дар тамоми лаҳзаҳои ҳаёташ аз об истифода мебарад. Об одамро аз ифлосию нопокӣ, аз бемориву дардҳо эмин мегардонад. Об сабзавоту наботот ва ҳайвонотро, ки инсон ҳамеша бо онҳо сарукор дорад, манбаи асосист. Ҳатто намии замин аз об аст, ки бе он ягон растанӣ ва гулу гиёҳ намерӯяд.

Мо тоҷикистониён аз сероб будани сарзамини бузургамон бояд ҳамеша бифахрем. Тоҷикистон аз захираи об бой буда, қариб 7000 пирях, 155 кӯли гуногунҳаҷм, даҳҳо ҳазор чашмаоби одию маъданӣ ва обанборҳои зиёд дорад. Дар Тоҷикистон дарёҳои Сир, Вахш, Зарафшон, Варзоб, Кофарниҳон, Панҷ ҷорӣ мешавад, ки онҳо на инки Тоҷикистонро, балки мамлакатҳои ҳамсоя Ӯзбекистону Туркманистонро низ шодоб мегардонанд. Ду дарёи калоне, ки аз кӯҳҳои осмонбуси мо сарчашма мегиранд, баҳри Аралро, ки имрӯзҳо хушк шуда истодааст дар минтақаи Осиёи миёна ҳисороти зиёд оварданаш мумкин аст, аз об пур мекунад.

Бе об зиндагӣ пойдор буда наметавонад. Аз қадимулайём дар китобҳои динӣ низ об чун манбаи асосии ҳаёт доништа мешавад. Чор унсур дар ҳаёт муқаддасанд: об, хок, оташ, бод, ки тамоми мавҷудоти олам ба онҳо эҳтиёҷ доранд.

Модоме ки асоси зиндагии ҳамаи мавҷудоти олам обро медонем, пас вазифадорем, ин маъхази бузургро чун асоси ҳастӣ, чароғи равшаниидиҳанда, созгори дунёи ҳастӣ эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем, нагузорем, ки нохалафе ин мӯъҷизоти бузургро ифлос гардонад, ба он партовҳо партояд ё ягон амали носазое нисбати он раво бинад.

Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шумурдани он, қимат донистани ҳар қатраи ин мӯъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони асил аст, зеро об на танҳо ҳамчун манбаи ободӣ, балки маъхази нуру рушноӣ ва маҳсули шодиҳои олами ҳастист.

***Об бошад гавҳари қимматтар аз лаълу гуҳар,***
***Покии ҳар қатраи он покии ҳайрулбашар.***

Об ҳаст ободӣ ҳаст, мегӯянд. Об аст, ки кулли мавҷудоти олам дар афзоишу рушду нумӯъ ва поядагӣ ӯ қарор дорад. Об аст, ки дар дами марг қатрае аз он ошомида инсон нафас рост мекунад. Об аст, ки гулу гиёҳ аз он рангу бӯй, таровату поядагӣ мегиранд. Бе об ҳаёт маъно надорад. Зиндагиро аз ҳастии об асос аст. Мутаассифона бархе аз инсонҳои беандеша ва номурод дидаю дониста обҳоро ифлос мегардонанд, дар дарёҳо партовҳо мепартоянд. Обро бе сарфаю сариштакорӣ истифода мебаранд, ки ин ба касодиҳо оварда мерасонад. Дар ҳамаи китобҳои динӣ сарфаю сариштакорӣ ҳамеша тақозо карда мешавад ба тозаю озода нигоҳ доштани он, макрӯҳ накардани ҳар қатраи он вазифаи муқаддаси ҳар як шахси мусалмон дониста мешавад.

Об барои мавҷудоти зинда аҳамияти ниҳоят калон дорад. Вай чун ашёи хоми арзон дар саноат барои истеҳсоли садҳо моддаҳо ва маҳсулоти зарури истифода мешавад. Об ҳалкунандаи хеле хуб аст. Бисёр моддаҳо (сахт, моеъ ва газмонанд) дар об ҳал мешаванд. Масалан, оби газнок -маҳлули оксиди карбон дар об, оҳакоб - маҳлули оҳаки шукуфта дар об, сиркои хурокӣ - маҳлули кислотаи атсетат дар об мебошанд.

Об моддаи мураккабест, ки дар руи Замин аз ҳама зиёдтар паҳн шудааст. Вай дар ин ё он намуд дар ҳама ҷойҳо мавҷуд аст. 70,8% сатҳи Заминро уқёнусҳо, баҳрҳо, кулҳо ва дарёҳо фаро гирифтаанд. Мамлакатҳои қутби ва қуллаи кӯҳҳои баландро он бо миқдори зиёди барфу ях мепушонад. На танҳо дар руи Замин, инчунин дар атмосфера ва дар кишри замин низ миқдори зиёди об мавҷуд аст. Тақрибан 1/5 ҳиссаи вазни хокро об ташкил медиҳад. Ҳама хуроквориҳо низ об доранд. Гуфтан чоиз аст, ки ҳама узвҳои инсон об доранд. Бадани одами миёнсол тақрибан 70% ва бадани кудаки хурдсол аз ин ҳам зиёдтар об дорад. Дар бодиринг тарбуз 90-95%, лаблабу 88%, гушту картошка 75% ва дар тухм 73% об мавҷуд аст.

Коғаз, чуби хушк ва матоъ ба назар батамом хушк намоянд ҳам, ҳангоми гарм кардан аз онҳо об хориҷ мешавад. Чунин обро оби гигроскопи меноманд. Қобилияти нигоҳ доштани оби гигроскопи яке аз хосиятҳои муҳимтарини бисёр моддаҳо, масалан хок мебошад. Миқдори оби гигроскопии моддаҳоро дар лабораторӣя бо роҳи дар чевонҳои хушккуни дар ҳарорати зиёда аз 100°C хушк кардан муайян мекунанд. Моддаро қабл ва баъд аз хушк кардан бармекашанд ва аз руи фарқи вазнашон миқдори оби гигроскопиро меёбанд.

Дар табиат об ҳамеша дар гардиш аст. Об аз сатҳи Замин бухор шуда, ба масофаҳои дур меравад ва пас боз ба шакли борон, барф ва ғайра ба Замин мерезад. Об дар раванди ин гардиш ба иқлим таъсири калон мерасонад.

*Бевафоӣ кард бо ман кампутарбону саҳар,*
*Оқибат аз дасти бешафқат шудам дарди камар!*

Анвори дониш
№6 (271), ДУШАНБЕ, 16.04.2018

*Таҳияи «Анвори дониш»*

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ ДАР РАҚАМҲО

## ШУМОРАИ УМУМИИ ИХТИСОСҲОИ АМАЛКУНАНДА:

**ҶАМЪ ДАР ДОНИШГОҲ 51 ИХТИСОСҲОИ АМАЛКУНАНДА МАВҶУД АСТ:**

- 48 ихтисос дар таълими рӯзона;
- 25 ихтисос дар таълими ғоибона, аз ҷумла фосилавӣ;
- 24 ихтисос дар зинаи магистратура;
- 5 ихтисос дар зинаи аспирантура;
- 11 ихтисос дар зинаи докторантураи PhD.

## МУҚОИСАИ ИХТИСОСҲОИ АМАЛКУНАНДАИ ДОНИШГОҲ АЗ СОЛИ 2012 то 2017:




| | Аспирантура | Докторантура | Магистратура | Таълими рӯзона ва ғоибона |
|---|---|---|---|---|
| 2017 | 5 | 11 | 19 | 51 |
| 2012 | 5 | 0 | 14 | 33 |

## АЙНИ ЗАМОН ДАР ДОНИШГОҲ 15 НАФАР ДОНИШҶӮЁНИ ФАЪОЛ БАРАНДАГОНИ СТИПЕНДИЯҲОИ (ИДРОРПУЛИҲОИ) НОМӢ МЕБОШАНД:

- 3-нафар гирандаи идрори Президенти;
- 5-нафар гирандаи идрори раиси вилояти Хатлон;
- 1-нафар гирандаи идрори Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 2- нафар гирандаи идрорпулии раиси Кумитаи занон ва оилани назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 2 - нафар гирандаи идрорпулии раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

- Дар соли 2017 гирандагони стипендияи вилоятӣ аз ҳисоби одимони донишгоҳ 11 нафарро ташкил медиҳад.

## ФАЪОЛИЯТИ ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:

- Миқдори компютерҳои ба шабакаи интернет пайваст – 159 адад;
- аз ҷумла: 15 адад ноутбуки китобхонаи электронии донишгоҳ, 37 адад компютерҳои кормандони раёсати донишгоҳ, 18 адад компютери факултаи Филологияи хориҷӣ, 20 адад компютери факултаи Иқтисод ва идора, 20 адад компютери факултаи Таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмиллалӣ ва 29 адад компютери факултаи Физика ва математика.




## ДАСТОВАРДҲОИ ВАРЗИШИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР СОЛИ 2017:




## ЧОРАБИНИҲОЕ, КИ ДАР СОЛИ 2017 ГУЗАРОНИДА ШУДААСТ:




## КИТОБХОНА ВА ҚИРОАТХОНА:

- Фонди китобхонаи донишгоҳ 278881 нусха китобро дарбар мегирад, ки аз ин шумора, 62765 адад китобҳои тахассусӣ, 90495 адад китобҳои таълимӣ, 45967 адад китобҳои методӣ, 32500 адад китобҳои сиёсӣ, 35840 адад китобҳои бадеӣ ва 11314 адад дастурҳои таълимиро дар бар мегирад.



## НИШОНДОДИ ФАЪОЛИЯТИ НАШРӢ ДАР СОЛИ 2017:



# ИНТИХОБИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ - РАВЗАНАИ ФАРДОИ ДУРАХШОНИ ШУМО!

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қабули довталабонро барои соли таҳсили 2018-2019 ба 9 факулта аз рӯи 45 равияҳои тахассусӣ эълон менамояд. Бо интихоби ихтисосҳои мавҷудаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Шумо метавонед соҳиби маълумоти олӣ дар равияҳои филологию фарҳангӣ, рӯзноманигорӣ, омӯзгорию равоншиносӣ, таъриху ҳуқуқ, муносибатҳои байналмилалӣ, риёзию табиӣ, молиявию иқтисодӣ, варзишию ҳарбӣ, менеҷменту сайёҳат, китобхонашиносию таҳсилоти фарогир гардида, донишу маҳорат ва малакаҳои тахассусии хешро бо Стандартҳои байналмилалии таҳсилот мутобиқ созед.*

*Донишгоҳ дорои синфхона ва утоқҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои замонавӣ, пайваст ба интернети баландсуръат, толорҳои маҷлисӣ ва варзишии бархаво, маркази омӯзиши забонҳо, Парки технологӣ, қитъаҳои таҷрибавию истеҳсолӣ буда, ба муҳассилин мутахассисони соҳибтаҷриба, докторону профессорон ва номзадҳои илм таълим медиҳанд.*

*Ҳамчунин, дар курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии донишгоҳ довталабон аз рӯи кластерҳои тахассусии аз ҷониби Маркази Миллии Тестӣ пешниҳодшуда омода карда мешаванд.*



| Ихтисосҳо | | Таълими рӯзона | Таҳсилоти фосилавӣ |
|---|---|---|---|
| Рамз | Номгӯй | Маблағи шартномаи таҳсил | Маблағи шартномаи таҳсил |
| 1020505 | Информатика | 2000 | 2000 |
| 1020501 | Математика | 2000 | 1600 |
| 131030302 | Математикаи амалӣ | 1600 | 0 |
| 1020602 | Технология (аз рӯйи самтҳо) | 1600 | 0 |
| 102050401 | Физика. Математика | 2000 | 0 |
| 102050403 | Физика. Таълими меҳнат | 1600 | 0 |
| 125010403 | Андоз ва андозбанӣ | 3600 | 0 |
| 125010803 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ | 3400 | 2500 |
| 1020402 | География | 1600 | 0 |
| 1310201023 | Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат | 2100 | 2100 |
| 126010101 | Идораи мақомоти маҳаллӣ | 3600 | 0 |
| 1250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 3600 | 0 |
| 1250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 3400 | 0 |
| 125010402 | Кори бонкӣ | 3200 | 0 |
| 1260203 | Маркетинг | 3200 | 2500 |
| 126020206 | Менеҷменти иҷтимоӣ (маориф) | 3200 | 2600 |
| 1250104 | Молия ва қарз | 3200 | 0 |
| 1890101 | Сайёҳӣ ва меҳмондорӣ | 2150 | 0 |
| 103030201 | Дефектология | 0 | 0 |
| 1020302 | Забон ва адабиёти рус | 2100 | 2100 |
| 102030401 | Забон ва адабиёти рус. Забон ва адабиёти тоҷик | 2100 | 0 |
| 1020301 | Забон ва адабиёти тоҷик | 2000 | 1600 |
| 102030601 | Забони англисӣ. Забони олмонӣ | 2600 | 0 |
| 1020306 | Забони хориҷӣ (англисӣ) | 2600 | 0 |
| 1020307 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ - хитоӣ) | 2600 | 0 |
| 121050103 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ | 1750 | 0 |
| 1230111 | Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (аз рӯйи самтҳо) | 0 | 1600 |
| 1030301 | Логопедия | 0 | 0 |
| 1030304 | Олигофренопедагогика | 0 | 0 |
| 1230108 | Рӯзноманигорӣ | 2000 | 0 |
| 1030302 | Сурдопедагогика | 0 | 0 |
| 1010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 1600 | 1600 |
| 1010202 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Ихтисоси иловагӣ | 1600 | 1600 |
| 101020203 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ | 1600 | 0 |
| 1010102 | Таҳсилоти томактабӣ. | 1600 | 0 |
| 1030403 | Равоншиносии амалӣ | 1600 | 0 |
| 1020101 | Таърих | 1600 | 1600 |
| 1020102 | Таърих: Ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ) | 2500 | 2500 |
| 1030101 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 3200 | 0 |
| 131010103 | Биология (биотехнология) | 2100 | 0 |
| 1020404 | Биология. Экология | 2100 | 0 |
| 102040601 | Химия. Биология | 2100 | 0 |
| 1020406 | Химия. Экология | 2100 | 2100 |
| 1030201 | Тарбияи ҷисмонӣ | 2000 | 2000 |
| 1030202 | Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ | 2000 | 2000 |










# АФЗАЛИЯТИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНИИ РАҚАМӢ



*Убайдулло СУЛАЙМОНОВ, магистранти соли 2-юми ихтисоси информатика*

Рушди босуръати технологияи иттилооти коммуникатсионӣ дар асри навин зиндагии мардумро ба куллӣ тағйир дода, муносибатҳои ҷамъиятии сифатан навро ба вуҷуд овард. Ҳамарӯза даҳҳо техникаҳои нав кашф мегарданд, ки равишҳои корӣ оҳиста-оҳиста аз шакли коғазӣ ба шакли электронӣ мегузаранд. Кашф гардидани компютер ва роҳандозии шабакаи саросарии интернет аз нодиртарин кашфиёти асри ХХ ба шумор меравад.

Аммо ин раванд дар асри XI, яъне электронигардонӣ суръати баланд гирифта, фаъолияту зиндагии мардумро бамаротиб осон намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамқадам бо давлатҳои ҷаҳонӣ пайи тараққӣ ва рушдёбии ин соҳаи басо муҳим тадбирандешӣ карда, бо роҳандозии барномаҳои давлатӣ сол то сол ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегардад. Дар айни замон, барои рушди соҳаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоотонӣ", "ҳуҷҷати электронӣ", "иттилоот", "ҳифзи иттилоот", "имзои электронии рақамӣ" ва ғайра қабул гардидаанд.

Санадҳои меъёрӣ зикргардида барои тадбиқ намудани имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳо ва системаҳои автоматии иттилоотӣ, ҳуҷҷатҳои электронӣ, мубодилаи иттилооти электронӣ ва татбиқи имзои электронии рақамӣ равона карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз қабул намудани қонунҳои номбурда истифодабарии ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ ҳоло ҳам рушди зарурии худро наёфтааст ва дар марҳилаи ҳозира дар ҷумҳурии мо ин воситаҳо ба таври пурра истифода бурда намешаванд. Ҳукумати электронӣ, ҳуҷҷати электронӣ, имзои электронии рақамӣ - ин мафҳумҳое ҳастанд, ки дар охири асри ХХ пайдо шуда, то имрӯз барои бисёриҳо оддӣ, вале то дараҷаи зарурӣ номафҳум боқӣ мондааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки шаҳрвандон дар бораи мафҳумҳои "ҳукумати электронӣ" ва "имзои электронии рақамӣ" маълумоти кофӣ надоранд, ҳатто ҳолатҳое мешавад, ки шаҳрвандон чунин саволҳо медиҳанд: "Агар ҳукумати электронӣ таъсис дода шавад, пас ҳукумати аслӣ чӣ кор мекунад ва куҷо мешавад?". Чунин саволҳо доир ба "ҳукумати электронӣ" ва "имзои электронии рақамӣ" пеш меоранд. Дар асри навин қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҳукумати электронӣ таъсис додаву аз бартариятҳои технологияҳои муосир истифода мебаранд.

Мафҳуми "ҳукумати электронӣ" маҷмуи чорабиниҳои ташкиливу техникии додугирифти давлат ва шаҳрвандон дар фаъолиятҳои хизматрасонии давлатӣ, тиҷорат ва шоҳаҳои алоҳидаи ҳокимият фаҳмида мешавад. Таъсиси ҳукумати электронӣ маънои онро надорад, ки ҳукумати дуюм пайдо хоҳад шуд, балки ин ҳамон ҳукумати қаблӣ аст, аммо тарзи кораш дигар хоҳад шуд. Мақсади асосӣ аз таъсиси "ҳукумати электронӣ" ва истифодаи имзои электронии рақамӣ дар он аст, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ манфиатнок ва барои шаҳрвандон дастрас гардад. "Ҳукумати электронӣ" ин таъминкунандаи идораи давлат бо компютер ва технологияи комуникатсионӣ буда, дар натиҷаи роҳандозии он самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ якчанд маротиба боло рафта, имкониятҳои шаҳрвандон зиёд мегардад ва он барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад. Яке аз афзалиятҳои дигари ҳукумати электронӣ ин пешгирии ришваситонӣ, паст бурдани фасод дар ҷомеа ва худдорӣ кардан аз кори шакли коғазӣ мебошад.

Бо мақсади таъсиси ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо гузаронида шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда қабул ва мавриди татбиқ қарор дода шудааст. Хусусан, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, таҳти № 643 "Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Фаъолият дар ҳукумати электронӣ бидуни имзои электронии рақамӣ аз имкон берун аст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи имзои электронии рақамӣ" аз 28-уми июни соли 2007, таҳти №708 қабул гардида, то ҳол мавриди истифода қарор дорад. "Имзои электронии рақамӣ" - воситаи таъминкунандаи тағйирнопазирии иттилоот дар ҳуҷҷати электронӣ ва тасдиккунандаи ҳаққоният ва мансубияти ҳуҷҷати электронӣ



мебошад. Умуман, дар ҳуҷҷат гузоштани имзо чӣ зарурият дорад? Барои тасдиқи он, ки матни ҳуҷҷат хонда шуда, мазмуни он дуруст аст.

Таърифи имзои электронии рақамӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи имзои электронии рақамӣ" омадааст: Имзои электронии рақамӣ - реквизити ҳуҷҷати электронӣ, ки барои аз сохтакорӣ ҳифз намудани ҳуҷҷати электронӣ пешбинӣ шуда, дар натиҷаи дигаргунсозии криптографии иттилоот бо истифодаи калиди пӯшидаи имзои электронии рақамӣ ба даст омадааст. Мувофиқи қонуни мазкур имзои ҳуҷҷати электронии рақамӣ ба имзои дастӣ дар ҳуҷҷатҳои коғазӣ гузошташуда баробар эътироф карда мешавад.

Соддатарин саволе, ки ҳар як нафар ҳангоми истифодабарии имзои электронии рақамӣ ба худ медиҳад он аст, ки: "Имзои электронии рақамӣ ба ман чӣ лозим аст?" Барои посух гуфтан мо бояд дар бораи имзои электронии рақамӣ, таърихи пайдоиш, тарзи кор ва бартариятҳояш аз имзои дастӣ дар коғаз гузошташуда маълумот дошта бошем. Чи хеле ки аз таърифи имзои электронии рақамӣ бар меояд, он барои аз сохтакорӣ ҳифз намудани ҳуҷҷати электронӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳаминро бояд қайд намоем, ки ҳангоми истифодабарии мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо истифодаи имзои дастӣ ғайриимкон мегардад. Аз ин лиҳоз, дар мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо барои муайянкунии мансубияти ҳуҷҷат бар ивази имзои дастӣ зарурияти истифодаи имзои электронии рақамӣ ба миён меояд.

Агар ба таърих нигарем, мафҳуми имзои электронии рақамиро соли 1976 аввалин шуда олимони америкоӣ Уитфилд Диффи ва Мартин Хеллман ба ҷаҳониён муаррафӣ намудаанд. Соли 1977 бошад, аз ҷониби Роналд Ривест, Ади Шамир ва Леонард Адлеман алгоритми криптографиаш коркард шудааст.

Истифодабарии имзои электронии рақамӣ имкон медиҳад, ки мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ба таври ҳифзшуда сурат гирифта, шахси имзогузошта наметавонад аз он саркашӣ кунад.

Имзои электронии рақамӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти ҷомеа истифода бурда мешавад, аз ҷумла:
- барои тиҷорати электронӣ;
- барои муҳосибот ва андоз;
- барои истифодабарии шахсӣ (мукотиботи махфӣ);
- барои вазорату идораҳои гуногун.

Имзои электронии рақамӣ аз ҷониби Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Маркази тасдиккунанда" дар шакли сертификати калидӣ кушода ва пӯшида дар омилҳои ифодашудаи электронӣ дода мешавад.

Яъне, ба истифодабарандагони имзои электронии рақамӣ ду калид дода мешавад, калиди кушода ва калиди пӯшида (махфӣ). Ба воситаи калиди пӯшида (махфӣ) истифодабарандаи имзои электронии рақамӣ ба ҳуҷҷатҳо имзо мегузорад ва бо ёрии калиди кушода истифодабарандагони дигар, махсусан кабулкунандаи ҳуҷҷати электронӣ маводи лозимиро дастрас карда, ба ҳаққонияти он боварӣ ҳосил мекунанд.

Яъне, калиди кушодаи имзои электронии рақамӣ- пайдарҳамии рамзҳои имзои электронии рақамӣ, ки ба ҳар кас дастрас аст ва барои тасдиқ кардани айнияти имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ таъин гардидааст.

Калиди пӯшидаи имзои электронии рақамӣ ин пайдарҳамии аломатҳое (рамзҳо) мебошад, ки ба соҳиби сертификати калиди имзо маълум аст. Чунон ки дар боло зикр намудем, ин навъи калид махфӣ буда, дар дискетҳо, смарт-кортҳо ва омилҳо нигоҳдорӣ мешавад. Албатта, калиди пӯшидаро метавонем дар компютери фардӣ нигоҳ дошта, барои ҳимояи он компютерро рамзбандӣ намоем. Аммо чунин навъи ҳимоя кафолати бехатарии калиди пӯшидаро намедиҳад ва илова бар ин соҳиби калид метавонад танҳо аз ҳамин компютер ба ҳуҷҷатҳо имзо гузорад. Агар калиди пӯшида дар дискетҳо, смарт-картаҳо ва омилҳо нигоҳдорӣ шавад, гум шудани онҳоро мо зуд мушоҳида намуда, ба маркази тасдиққунанда муроҷиат карда фаолияти калиди пӯшидаро қатъ мекунем. Аз ҳама роҳи боэътимоди ҳимояи калиди пӯшида ин смарт-кортҳо мебошанд.

Мувофиқи гузориши Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомотҳои давлатие, ки аз имзои электронии рақамӣ истифода мебаранд, соҳаҳои молиявӣ, кумитаи андоз, бонкдорӣ ва ғайра мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба рушди имзои электронии рақамӣ ва аҳамияти он дар пешрафти ҳукумати электронии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо ташкилотҳои "Инфотекс"-и шаҳри Москваи Федератсияи Русия, "Спетстехника"-и шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон ва "Ак Камал секюрити"-и Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамкориҳои зич дорад.

Дар айни ҳол бошад, дар назди КВД "Маркази ҳифзи техникии иттилоот, сертификатсия ва экспертиза" Маркази таълимии имзои электронии рақамӣ таъсис дода шудааст, ки он дорои иҷозатномаи дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

# ОБРО БОЯД ЭҲТИЁТ КАРД!



*Бунафша ШАРИФОВА, мутахассиси шуъбаи тарбия*

***"Ҳамагон бояд фаҳманд, ки арзишмандии об на камтар аз арзишмандии нафт, газ, ангиштсанг ва дигар сузишвориву манбаъҳои энергия бароиояндаи босуботи кишвар ва минтақа мебошад".***

***Эмомалӣ Раҳмон***

***Об асту ҳаёт пойдор аст,***
***Об асту замину кишту кор аст.***
***Маҳсули ҳама ҷаҳони ҳастӣ,***
***Аз ҳастии оби файзбор аст.***

Оре, об манбаи ҳастии ҳамаи мавҷудоти олам аст. Об захираи бузургест, ки вокеияти он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Ҳастии гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот, растаниву инсоният, хоса зиндагии осоиштаву ободӣ ва озодагиву пурбаракатӣ ҳама ба об вобастагӣ дорад. Обро инсон барои нӯшидан, пухтани хӯрок, шустушӯй, сохтани манзил, тозагии кӯчаҳо, обёрии заминҳо истифода мебарад. Инчунин одам бо роҳҳои обӣ, завраку киштӣ ронда, ҳар гуна бор ва мусофиронро мекашонад. Оби шаршарадор турбинаҳоро ба ҳаракат дароварда, ҷараёни электрикӣ ҳосил мекунад. Бо қувваи оби зиёд чархи санги осиёб, дастакҳои обҷувоз ҳаракат мекунанд. Кори ягон соҳаи саноат бе об пеш намеравад. Дар фабрикаву заводҳо обро барои тайёр кардани маҳлули рангҳо, оҳар додани матоъ, коркарди пӯст, тайёр кардани коғаз, собун, нонпазӣ, нушокиҳои гуногун истифода мебаранд.

Хулоса, инсон бе об зиндагӣ карда наметавонад. Ҳатто кисмати зиёди вазни бадани инсоният аз об иборат аст. Инсон дар тамоми лаҳзаҳои ҳаёташ аз об истифода мебарад. Об одамро аз ифлосию нопокӣ, аз бемориву дардҳо эмин мегардонад. Об сабзавоту наботот ва ҳайвонотро, ки инсон ҳамеша бо онҳо сарукор дорад, манбаи асосист. Ҳатто намии замин аз об аст, ки бе он ягон растанӣ ва гулу гиёҳ намерӯяд.

Об ҳаст ободӣ ҳаст, мегӯянд. Об аст, ки кулли мавҷудоти олам дар афзоишу рушду нумӯъ ва пояндагӣ қарор дорад. Об аст, ки дар дами марг қатрае аз он ошомида инсон нафас рост мекунад. Об аст, ки гулу гиёҳ аз он рангу бӯй, таровату пояндагӣ мегиранд. Бе об ҳаёт маъно надорад. Зиндагиро аз ҳастии об асос аст. Мутаасифона бархе аз инсонҳои беандеша ба номуроди дидаю дониста обҳоро ифлос мегардонанд. Дар дарёҳо партовҳо мепартоянд. Обро бе сарфаю сариштакорӣ истифода мебаранд, ки ин ба касодиҳо оварда мерасонад. Дар ҳамаи китобҳои динӣ сарфаю сариштакорӣ ҳамеша таҳозо карда мешавад ва тозаю озода нигоҳ доштани он, макрӯҳ накардани ҳар қатраи он барои манфиати мукаддаси ҳар як шахси мусалмон дониста мешавад. Хулоса, аз гуфтаи Паёмбари бузург Расули Акрам "Об ҳақиқатан покунанда ва асоси ҳастист, ки чизе онро наҷис нагардонад". Аз қадимулайём дар китобҳои динӣ низ об чун манбаи асосии ҳаёт дониста мешавад. Чунонки дар "Куръон" омадааст: "Ҳар чизи зиндаро аз об падид овардем". Чор унсур дар ҳаёт муқаддасанд: об, хок, оташ, бод, ки тамоми мавҷудоти олам ба онҳо эҳтиёҷ доранд, мавҷуд мебошад. Мувофиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид ҳоло дар рӯи замин истифодаи умумии об ба бештар аз 2838 км3 дар як сол расида, зиёда аз нисфи масрафи об ба қитъаи Осиё рост меояд, зеро дар ин минтақа 60 фоизи аҳолии сайёра умр ба сар мебарад.

Дар саршавии эраи мо дар рӯи замин 230 млн. нафар аҳолӣ зиндагӣ менамуд, ҳоло дар оғози ҳазораи сеюм бошад, дар курраи замин зиёда аз шаш миллиард нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Аз ҳисоби нобаробар тақсим шудани манбаъҳои оби нушокӣ ҳоло дар қитъаи Осиё як миллиард, дар Африко 350 млн, дар Америкаи Лотинӣ зиёда аз 100 млн. аҳолӣ аз норасоии оби нушокӣ азият мекашанд.

Модом, ки асоси зиндагии ҳамаи мавҷудоти олам обро медонем, пас вазифадорем, ин маъхази бузургро чун асоси ҳастӣ, чароғи равшанидиҳанда, созгори дунёи ҳастӣ эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем, нагузорем, ки нохалафе ин муъҷизоти бузургро ифлос гардонад, ба он партовҳо партояд ё ягон амали носазое нисбати он раво бинад, зеро:

***Зи ҷӯе, ки хурдӣ аз***
***он оби пок,***
***Набояд фикандан***
***дар он сангу хок.***

*(Идома аз шумораи гузашта)*

# ҲАҚНАЗАР - ШОИРЕ АЗ ТАБОРИ РӮДАКИЮ ФИРДАВСӢ...

**(Андешае чанд дар боби асари нави Ҳақназар Ғоиб "Дар таҷаллии офтоби Аллома Иқбол", эҳдо ба дӯстии Тоҷикистон ба мардуми бузургвори Шарқ)**



*Муҳаммадризо ТОҶДИНӢ,*
*шоир, нависанда ва пажӯҳишгари эронӣ*

Аммо дар муқобил иддае мегӯянд, ки он низом хонаву кошонаи моро ғасб карда, молу амволи моро ба ғорат бурда ва бехудоироривоҷ дода буд ва мухолифи озодии динию мазҳабию фарҳангии мо будааст ва арзишҳои миллӣ ва маънавии моро низ аз байн бурдааст. Ба ҳар ҳол, Ҳақназар ин гуна бахсҳоро дар миёни гуфтугӯҳо ва мунозирот содиқона ва шоирона ба тасвир мекашад ва қасдаш ин аст, ки бардоштҳои зеҳнӣ ва ақидатии ҳар ду гурӯҳро нишон диҳад ва қазоватро ба таърих ба дагарон во гузорад. Аммо чунон ки дар боло гуфта шуд, шоир андешаҳои Иқболро дар иртибот ба шахсият ва азамати Машриқзамин ба дидаи таҳсин менигарад ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки баъд аз ренесонс ва таҷдиди ҳаёти илмӣ ва адабии Шарқ, ғарбиён бо диде таҳқиргароёна ва ҳақоратомез ба Шарқ менигаристаанд, шоир мекушад чароғи тамаддун ва фарҳангу маданияти Шарқро ба ғарбиён нишон диҳад ва қазовати нодуруст, таассубгароёнаи, худхоҳона ва истеъморгароёнаи онҳоро ба боди интиқод бигирад. (Бо вуҷуди ба маданият ва пешрафтҳои илмию саноатию технологии Ғарб эҳтиром қоил будан). Аммо тафаккури бартариҷӯӣ ва нодида ангоштани фарҳангу тамаддуни Шарқро, ки ғарбиён дунбол мекунанд, намепазирад ва дар муқобили онҳо меистад ва нажодгароӣ ва бартариҷӯии Ғарбро нисбат ба Шарқ маҳкум мекунад. Ва ин порчаҳои шеърӣ гувоҳе ба гуфтаҳои мо мешавад:

***Чанг мезанад нола нойи***
***танги булбулро,***
***Мебаранд пеши Ғӯл***
***хандахонаи гулро.***
***Баҳри пурнаҳанг имрӯз***
***ҳамла бар замин дорад,***
***Кити кӯҳнасолиҳо хурд***
***хоки Бобулро.***
***Аждаҳои Ғарб аз кин***
***моҳи Шаркро кобад,***
***Хурданист ин ваҳшӣ***
***духтарони Кобулро.***
***Бӯи ҷанги нав сӯям***
***бӯи "Нейтрон" орад,***
***Дуздад аз димоғи ман***
***бӯи атри кокулро.***

("Нейтрон"- ҷанги "Нейтронӣ" дар назар аст)

### АФРӮЗИШЕ ДАР ЗЕҲНУ ЗАМИР: САДОЕ СОДИҚОНА, ТОҶИКОНА...

Дар воқеъ шоир бо таваҷҷӯҳ бо мутолиоти густурда ва амиқи худ дар ин китоб саъй кардааст, ки таҷрибаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, ирфонӣ ва усулгароии худро, ки боиси маърифати дарунии ӯ гаштааст, бо ҳусни ният, одилона ва мунсифона (боинсофона) дар шеър биёварад. Бинишҳои реалистӣ ва замонавии худро нишон диҳад. Шоир ба дурустӣ медонад, ки дунё ҷангале моломол аз аломатҳо ва ишорот аст ва дар бисёр мавридҳо ҳақиқат аз чашми мардуми оддӣ пинҳон аст ва дар ин росто шоирон, нависандагон ва андешамандон бо қудрати идроке, ки доранд, бо тафсирҳо ва таъбирҳои худ метавонанд ин аломатҳо ва нишонаҳоро эҳсос кунанд ва ба дигарон нишон диҳанд. Ва ин амр аз гузаштаҳои дури таърихӣ то ба имрӯз идома дорад.

Шоир аз тарафе мекӯшад ҳувияти асли шарқӣ ва арзишҳои фарҳангии машриқзаминро дубора зинда намояд ва дар асре, ки Ғарб мекӯшад тасаллути ҳамаҷонибаи фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фалсафаӣ ва ғайраи худро бо шиори авомфиребонаи демократӣ ҷо бидиҳад ва ба ғорати манбаъҳо ва маъданҳои кишварҳои шарқӣ бипардозад, шоир занги хатарро ба садо дармеоварад ва чароғе дар зеҳну замири мухотабони худ равшан мекунад то битавонанд ба арзишҳои миллӣ, меҳанӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва устураи худ таваҷҷӯҳ кунанд ва худшиносии миллӣ ва меҳаниро чароғи роҳнамои худ қарор диҳанд. Шоир саъй дорад дар интиқоли ин паём ва нидои меҳанпарастона ва шарқиёна аз тамоми мутолиот, таҷрибаҳо, хондаҳо ва навиштаҳои худ истифода кунад. Зарфиятҳои забонӣ ва шеъриро, ки дар интиқоли (баёни) маъно ва мафҳум асар (таъсир) мегузоранд, ба кор гирад. Ва дар забону баёни ӯ садои самимона, содиқона, фозилона ва тоҷиконае мавҷ мезанад, ки реша дар ашъори Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ дошта ва андешаҳои вузарои Сомонии тоҷик, аз ҷумла Абулфазли Балъамӣ, Ҷайҳонӣ, Утбӣ ва ғайраро ба ёд меоварад. Дар воқеъ ҳисси меҳанпарастӣ ва шарқдӯстӣ бо шӯру ишқу имону эҳсос, отифа ва ҳамчунин ақлонияти тоҷикона гиреҳ меҳӯрад ва ашъори нағзу пурмағзу пурмуҳтавое офарида мешавад.

### САД ҲАЗОРОН ОРЗУЯМ СӮХТ ШАРҚ

Ба ҳар ҳол, Ҳақназар Ғойиб ҳамчун бузурғон ва андешамандони тӯли таърих ҳамвора ғами Шаркро хӯрда, ки чаро Шарқ ба азамат ва бузургии фарҳангу тамаддун, фалсафаи худ пай набурдааст, ки чаро то кунун ба хештаншиносӣ ва дарки дурусти худ ва ҷаҳон нарасидааст ва танҳо шиор медиҳаду дар мавориде гирифтори таассуботи хушку пӯсидааст ва аз амал ба дур асту гӯё пиндори неку гуфтори неку кирдори некро, ки реша дар андешаҳои мутараққии бостон дорад, фаромӯш кардааст. Бе он ки даст ба ибтикору ихтироъу инкишофе зада бошад, гирифтори назарияҳои сатҳӣ ва ибтидоӣ аст. Ва ин дард аз забони Зиндарӯд чунин бармеояд:

***Замини Шаркро***
***минбар гирифтам,***
***Ба ҳар мавҷам зи Шарқ***
***озар гирифтам.***
***Валекин дида***
***сардиҳои рӯҳаш***
***Ба сад дарди дарунӣ***
***дар гирифтам.***

Аз ҳамин рӯ аст, ки қофилаи Ғарб аз қофилаи Шарқ дар заминаҳои фикрию фалсафию идеологию технологӣ ва ба таври кулли илмҳои мухталиф пеш рафта ва баръакс бештари шарқиён дар хоби харгӯшӣ фурӯ рафтаанд ва натавонистаанд роҳе ба худшиносӣ ва ҷаҳоншиносӣ дошта бошанд. Ва агар аз бузургоне ҳамчун Рӯдакию Фирдавсию Саъдию Ҳофизу Форобию Закариёи Розию Сино, Хайём, Бурайҳон ва дигарон мегӯянд, дар воқеъ ба таври сатҳӣ танҳо номи онҳоро бар забон меоваранд, вале аз амалкард ба тафаккур ва андешаҳову рафтори онҳо дуранд. Ба қавли маъруф:

***Миёни моҳи ман то***
***моҳи гардун,***
***Тафовут аз замин то***
***осмон аст.***

Ва аз ҳамин рӯ аст, ки шоир бо диле дардманд ва синаи сӯхта аз нойи дил месарояд:



***Сад ҳазорон орзуям***
***сӯхт Шарқ,***
***Корвони рангу бӯям***
***сӯхт Шарқ.***

Ба ҳамин маънӣ аст, ки барои ҳифзи манофеи истеъморгароёнаи худ мехоҳанд дар Шарқ мусаллат шаванд, аммо дар ниҳону ниҳоди худ ба арзишҳои илмӣ ва таърихии Шарқ огоҳанд. Бинобар ин мо бояд ба ин воқеияти таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки Ғарб бо бахрагирӣ аз ақлонияти ва рӯй овардан ба таҳқиқ ва пай бурдан ба илмҳои таҷрибӣ ва расидан ба технология, масири табиӣи таърих ва такомулро тай намуда ва ба тараққӣ ва пешрафтҳои мӯъҷизаосое ҳамчун тасхири кураҳои осмонӣ, ихтироъ компютер, интернет, мохвора ва дигар пешрафтҳои илмии густардае дар заминаи илмҳои астрофизика, химия, пизишкӣ, хокшиносӣ, гиёҳшиносӣ, ҳавошиносӣ, истифода аз энергияи об, офтоб ва ғайра даст ёфтааст ва мутаассифона бисёре аз кишварҳои шарқӣ гирифтори ибтидоитарин аслу усули зиндагӣ ва ақидаҳои ақибмонда ва пӯсидаанд:

***Ҳафт шаҳри ишқро***
***Аттор гашт,***
***Мо ҳанӯз андар хами***
***як кӯчаем.***

Ҳақназар бо ин воқеъиёт ошност ва бо забони ғарбиён мегӯяд, ки мо аҳли илму амал ҳастем ва ба наҳве қуруни вусто (асрҳои миёна) ва тасаллути (ба маънои "Истисмор"-и) калисоро пушти сар гузоштаем ва дараҷоти илму донишро таъ қардаву мекунем ва дар ҳақиқат бузургони шарқӣ, аз ҷумла Иқболи Лоҳурӣ низ аз они мост, чаро ки шумо танҳо аз суханони онҳо мегӯед ва мо он суханонро амал кардаем ва амал муқаддам бар сухан аст. Оре, Ҳақназар Ғоиб аз забони ғарбиён, ки Иқболро аз они худ медонанд, бо дард мегӯяд:

***Қадр дорад пеши мо***
***аъмолҳо,***
***Моли мо бояд бувад Иқболҳо.***
***Дода садҳо ақлро ганҷур мо,***
***Рӯдакиеро накарда кӯр мо.***
***Пас тамаддун ҳам ба***
***ҳар ҷо моли мост,***
***Сад фалак иқбол дар***
***иқболи мост.***
***Сад малак рӯҳ аст дар***
***кирдори мо,***
***То фалакҳо гарм шуд***
***бозори мо.***
***Моҳро тахти бузургӣ***
***кардаем,***
***Рӯ ба сӯии офтоб овардаем.***

### ПЕРОЯҲОИ ИЛМӢ ВА ХУРОФОТӢ

Ҳамчунин, шоир гуфтугӯҳои дигари Шарқу Ғарбро ба риштаи шеър кашидааст, ки бештари шарқиён гирифтори андешаҳои хурофӣ ва суннатии кӯҳна ҳастанд. Дар воқеъ аз дину дониши воқеӣ дур ҳастанд, ақлонияти худро фаромӯш карда, дар мавориди бисёре дар чоҳи ҷаҳлу зулмату нодонӣ афтода ва меафтанд.

***Рӯҳонӣ:***
***Бо Худо худ ёфтем***
***аз ин ҷаҳон,***
***Дур аз мо монд***
***овози сагон.***
***Сози шайтонӣ***
***агар милён бувад,***
***Сози Раҳмонӣ яку***
***бар ҷон бувад.***
***Як зи яктойӣ***
***асоси умри мост,***
***Синайи мо хонаи***
***ишқи Худост.***
***Ғарбӣ:***
***Илм моро болу пар***
***бикшодааст,***
***Сад дари дарки дигар***
***бикшодааст.***
***Илм моро сад само***
***пироя аст,***
***Дарси ибрат бар ҳама***
***ҳамсоя аст.***
***Ончи мо донем, он***
***асрори мост,***
***Пас Худо ҳам дар ҳама***
***ҷо ёри мост.***
***Шарқӣ:***
***Лоф аз мо дар шумо***
***бигзаштааст,***
***Аз шумо меҳри Худо***
***баргаштааст.***
***Ғарбӣ:***
***Мо Худоро аз худиҳо ёфтем,***
***Илмро ҷойи Худо дарёфтем.***
***Рӯҳонӣ:***
***Дар дили худ мо***
***Худоро ҷӯстем,***
***Дасту дил аз ин***
***ҷаҳон баршӯстем.***

Дар воқеъ шоир ба наҳве зиракона ва олимона мехоҳад бигӯяд: усулан Шарқ дингаровү Ғарб ақлгаро аст. Шарқ, мутаассифона, дар андешаҳойи ибтидоӣ ва суннатӣ ва кӯҳани худ ҳанӯз гирифтор аст, дар ҳоле, ки Ғарб бо чароғи илму дониш ва ақлоният ва нуронияти худ ҷаҳонеро ба тасхир кашидааст. Шоир дар зеҳну забону диди худ хуршеде меафрӯзад, ки мехоҳад ҳама чизро ва ҳама ҷоро ба дурустӣ бубинад ва таҷриба кунад. Аммо ба ин ҳақиқати талх низ расидааст, ки ба иллати тасаллути истибдодӣ дар Шарқ ва то замони қуруни вусто дар Ғарб мардум ба огоҳӣ ва равшанфикрӣ ва шинохти худ ва ҷаҳон нарасидаанд ва дар мавориде ба ҷойи пешравии таърихӣ ва такомул ба ақиб ва гузашта баргаштаанд ва шоир афроди нодону ноогоҳро, ки ҳанӯз ба моҳияти инсонӣ ва ақлонӣ нарасидаанд, интиқод (танқид) мекунад ва шабоҳате миёни инсону ҳайвон барқарор мекунад. Оре, ин гуна инсонҳо фанатик ҳастанд ва ба осонӣ фиреб меҳӯранд ва олати дасти душману бегона мешаванд бе он ки худ бидонанд. Ҳақназар дардмандона месарояд:

***Гӯсфанд аст одамӣ аз соддагӣ,***
***Гӯсфанди рамаҳои зиндагӣ.***

Ки ин шеър бархурди афкор ба шеъри зиндаёд Манучеҳри Оташӣ, шоири муосири Эрон аст, ки мегӯяд:

***Дер гоҳест ба лабҳои***
***ман ин замзама аст,***
***Ки замин огули гандидаи***
***муште рама аст.***

### АЗ САРИ ТАЪМИРИ ДИЛ БИГЗАР...

Оре, воқеиёти дардноке дар тӯли таърих бар сари инсону инсоният омадааст. Ва гӯё асоси офариниш ва хилқат бар мадори беадолатиҳо, Ҳобилкушиҳо, Сиёвушкушиҳо ва ба таври куллӣ озодакушиҳо будааст. Аз ин рӯ аст, ки ҳазрати Бедил мефармояд:

***Аз сари таъмири дил бигзар,***
***ки меъморони ишқ***
***Рӯзи аввал тарҳи ин***
***вайрона вайрон рехтанд.***
***Ҳамчунин Ҳофиз мефармояд:***
***Одамӣ дар олами хокӣ***
***намеояд ба даст,***
***Оламе дигар бибояд сохт***
***в-аз нав одаме.***

Оре, инсон дар тӯли таърих мазлуму ситамдида буда, то кунун, бавижа дар Шарқ низ ҳаст. Ҳақназар Ғоиб таърихро хонда ва дардҳову мусибатҳои шарқиёнро дар тӯли таърих бо ҷону дил гиристааст ва ҳуҷуми бегонаҳон ба сарзамини муқаддаси Мовароуннаҳр ва Хуросони бузургро медонад ва куштори ваҳшиёнаи ақвоми барӯманди ориёиро аз ёд набурдааст. Тасвирҳои ҷонкоҳе дар дилу ҷонаш нишастааст, ки ҳамвора аҷдод ва ниёгонашро бераҳмона Искандар, аъроб, Чингиз, Илхонон, Темуриёну Туркон… ба хоку хун кашидаанд ва аз сарҳо манораҳо сохтанд ва аз ҳамин рӯ аст бо дили хунбор ва чашмоне аз ашк саршор мегӯяд:

***Бихонда ошиқона,***
***кушта гаштем,***
***Ба лаб садҳо тарона,***
***кушта гаштем.***
***Бузургӣ дар сухан***
***мондем агарчӣ,***
***Фасона дар фасона***
***кушта гаштем.***

### ДИФОЪ АЗ РОДМАРДОНИ МИЛЛИЮ МЕҲАНӢ

Ҳамчунин, Ҳақназар дар бахши дигари ин китоб дар иртибот бо рашодатҳо, далериҳо, мардиҳо ва бузургиҳои зиндаёд, шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд манзумаи бисёр зебо ва дилнишине сурудааст, ки ин амр реша дар шарқшиносӣ ва дифоъ аз бузургону қаҳрамонони миллию меҳании машриқзамин дорад. Ӯ аз сари дард месарояд:

***Худоё ин чи ойин шуд,***
***Хуросонҳои хуршедии***
***Аҳмадшоҳ дар банд аст.***
***Хуросонҳои хуршедии***
***Аҳмадшоҳ***
***Ба раҳ чашминтизори Рустами зӯру шарафманд аст.***
***Дарего, бе ҳузури Рустамаш***
***дар ҳасрати лутфи***
***Худованд аст,***

ки ин шеър бархурди андешаю афкор ба шеъри лисонулғайб ҳазрати Ҳофиз аст, ҳарчанд шеъри Ҳақназар шеъри иҷтимоӣ асту аз лисонулғайб ҳарорати гармии ишқро дорад: (Яъне, қиссаи ишқии "Бежан ва Манижа" ва Бежанро аз чоҳ озод кардани Рустам ёдовар шудааст):

***Сӯхтам дар чоҳи сабр аз***
***баҳри он шамъи чигил,***
***Шоҳи туркон фориғ аст***
***аз ҳоли мо, ку Рустаме.***

Ба хулосоте, ки аз мутолиоти манзумаи бузургҳаҷм он чи ба мо ҳосил шуд, ин нуқот равшан гардид, ки асари "Дар таҷалии офтоби Аллома Иқбол" садои маънаҳои дигари Аллома Иқбол бо паҳлуҳои нав дар замони нав барои замонҳост ва ин афкори фишурда наметавонад ҳама он чиро, ки дар манзума аст, фарогир бошад. Яъне он чи гуфтем, "муште аз хирвор" буд.

# 1 ЛАҲЗАИ ҲАЁТИ ШАХСИАМ



*Самариддин НАБИЗОД,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи*
*филологияи тоҷик ва журналистика*

Ҳар як шахс дар рафти зиндагӣ ба ягон ҳодиса ё ҳолати аҷибе рӯ ба рӯ мешавад. Дар ҳаёти ман ду ҳафта пеш як ҳодисае рух дода буд. Ҳодиса чунин буд. Вақте ки рӯзи шанбе ба дарс омада натавонистам, ҳамон рӯз дар бозори марказии Саховат ба савдои нон ва кулчаю булучка машғул будам. Тӯли ин ду рӯзе, ки ба савдо машғул будам, хостам пеш аз бегоҳ шудан пулҳое, ки кор кардаам, шумораму фоидаамро барорам. Дар натиҷа фоидаро мебинам, ки дар ду рӯз 200 сомонӣ шудааст ва аз фурсати муносиб истифода бурда, хостам ба бозор дарояму ягон либоси зимистона харам ва инаш ҳам шуд. Ба "студентбозор", ки бо ин ном машҳур аст, рафта даромадам ва ба чашмам як либоси чармини хокистаранге бисёр ҷилло медод ва фикр кардам, ки ин ҳеҷ набошад аз 200 сомонӣ зиёд асту кам не, аммо пурсидам, ки 180 сомонӣ будааст ва як илоҷ карда дар 165 сомонӣ фурӯшандаро розӣ кардаму харидам ва хурсандона ба хона омадам. Шаб рӯз шуд. Саҳар ба донишгоҳ рафтам ва шахсоне, ки дар саҳни донишгоҳ буданд, маро бо як чашми тааҷҷубоваре нигоҳ мекарданд ва ман бошам худ ба худ фикр карда ҳайрон мешудам, ки ба либосам чи шуда бошад. Ҳаволаашонро ба Худо кардаму ба синфхона даромадам ва ҳама ба ман нигоҳ карда хандиданд ва ман боз аз худ шарм кардам. Сипас, занг шуд ва ба назди ҳамкурсам Ҷамил рафтам ва ӯ ба ман гуфт, ки бисёр зебидааст. Ман бошам, як каме хурсанд шудам, аммо ин су гаштам, ки ҳамкурси дигарам Рухшона гуфт, ки: "Чӣ худатро ин қадар "қундича" кардай?" Аз ин сухан дилшикаста шудам ва хостам, ки инро ба ягон чизи дигар иваз кунам, ки ин ҳам шуд. Ман бо ҳамроҳии ҳамкурсам Ҷамил маслиҳат карда, ӯро бо як "ходоку" як пиёла кофе розӣ кардам. Вақте ки мо ба бозор дохил шудем, фақат мағозаю "элегант", ки молҳои босифат дар он ҷойҳо дида мешавад, як ба як даромадем ва хостем иваз карда, дар болояш пул монда, бар ивазаш палто гирем, аммо 90% савдогарони бозор ба додамон нарасиданд ва ғамгину парешон роҳ ба сӯи донишгоҳро пеш гирифтем, ки ногаҳон аз пешамон як мағозаи дигари "элегант" баромад. Ҷамил гуфт, ки Самариддин, биё, ба инҷо дароем, шояд ба додамон расанд. Ман гуфтам, ки не, ин қадар худатро азоб надеҳ. Гуш накард ва маҷбур маро ба он ҷо бурд ва он савдогари Худошинос ба доди мо расида, либосамро дар болояш 100 сомонӣ монда, бар ивазаш палто гирифтем. Чизи аз ҳама аҷибаш ҳамин буд, ки мо онро 165 сомонӣ харида будем, аммо дар мағозаи вай 250 сомонӣ буд ва мо фурсатро аз даст надода, гуфтем, ки ин либосро бо нархи 200 сомонӣ харидорӣ кардаем.

Оқибати дурӯғгӯиямон чунин шуд, ки акаам палтои нави маро бо фанду фиреб гирифту палтои кӯҳнаашро ба ман дод. Зимистонро бо палтои худ нею бо палтои кӯҳнаи акаам гузаронидам.

# МОДАР, ТӮ БУЗУРГӢ...



*Муяссар АБДУЛЛОЕВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ*

Аё модар, қурбони ҳар як тори мӯят, қурбони ҳар як оҷанги рӯю дастони нозанинат, қурбони дили бузурги матинат шавам. Зинда бош, ай модар, то зиндагӣ карданро бар ман биомӯзӣ, зинда бош, то аз як суханат сад ҳикмати зиндагӣ биофарам, зеро ту ибтидои ибтидоӣ.

Модарҷон, ба гул монандат мекунам, аммо ҳамаи гулҳои ҷаҳон як зарра зебоиатро ба худ дошта наметавонад, зеро аз онҳо бӯйи атрии меҳру муҳаббат намеояд ва аз шумо бошад, бӯйи атри меҳру муҳаббат меояд.

Ту асрори дили ниҳони фарзандро мефаҳмӣ, зеро онҳоро дар мағзи ҷонат парварида ба дунё овардаӣ. Дили онҳо тапиданро аз дили ту омӯхтаанд, хуни онҳо ба рагҳо давиданро аз хуни ту омӯхтаанд.

Бузург ҳастӣ, модар!

# ИДИ БАҲОР МУБОРАК!



*Дилрабо МАДИЕВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи*
*филологияи тоҷик ва журналистика*

Ҷашни Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадима ва анъанавии мардуми Эронинажод, аз ҷумла, тоҷикон ба шумор меравад. Ин ҷашн таърихи зиёда аз 4-5 ҳазор сола дорад ва кӯҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад.

Наврӯз қабл аз ҳама ин ҷашни оғози баҳор ва соли нави мардуми форсу тоҷик ва дигар халқияту миллатҳо шинохта шудааст. Наврӯз дар луғатҳо ба маънои рӯзи нав ва тоза, рӯзи нахустини сол, яъне рӯзе, ки Соли нав оғоз мегардад, омадааст. Ин ҷашни офариниш ва эҳёи оламу одам, бунёдгари меҳру сахо, тарғибгари некиву накукорӣ ва созандагист. Ба ибораи дигар, Наврӯз ибтидои тақвими ҷадид аст.

Бо соҳибистиқлолии Тоҷикистон Наврӯз дар сарзамини мо ва ҷаҳон мақому манзалати нав пайдо кард. Муҳимтар аз ҳама Наврӯз ҷаҳонӣ гашт.

Ҷашни Наврӯз зодаи хирад, андеша, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бузурги гузаштагони мост, он моро бештар ба ҳам мепайвандаду ба садоқат ва меҳнат ба Ватан раҳнамо месозад.

# ЗАНБӮРУҒ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН



*Амина МАҲМАДАЛИЕВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи*
*химия, биология ва география*

Занбӯруғ растаниест, ки дар заминҳои намнок, бисёртар дар фасли баҳор баъди боришҳо ба шакли гирд медамад. Ду навъи занбӯруғ мавҷуд аст: хӯрданбоб ва заҳрнок. Хӯрданбоби онро қорҷ меноманд.

Ҳар як қорҷ часпак набуда, бӯи бад надошта, сафеди моил, дар заминҳои ғайри шӯразор мерӯяд. Сиёҳ ва сурхи онро намехӯранд, зеро бисёр заҳрнок аст. Инчунин, дар зери дарахтони анҷир ва чормағз рӯидааш ҳам заҳрнок мебошад.

Фарқ кардани қорҷ аз занбӯруғҳои заҳрнок бо ин аломатҳост: агар навъи заҳрнокро бурида бигузоранд зуд вайрон ва бадбӯй мегардад ва инчунин ҳар чиро ки ба он бимоланд, онро вайрон ва тиранг менамояд.

**ХУСУСИЯТҲОИ ҚОРҶ**

Агар қорҷро бисёр бихӯранд, карахти меоварад ба илатҳои фалаҷ ва сакта гирифтор мекунад. Ва агар зиёдтар ва бардавом бихӯранд, насло қатъ менамояд. Қорҷи тару тозаро ба чашм бимоланд ё оби онро дар чашм чаконанд, гули чашмро аз байн мебарад, чашмро қувват мебахшад ва фуру омадани зардобро ба гавҳараки чашм манъ мекунад, хусусан, чун сурмаро дар оби он парварда, яъне як шаб дар он об тар карда, баъд ба чашм бимоланд, дар ин бобат чашм қавӣ мегардад.

Баъди хӯрдани қорҷ оби хунӯк нӯшидан мумкин нест, инчунин онро бо тухми мурғ ё бо гушт хӯрдан зарар дорад. Чун касе занбӯруғи заҳрнок хӯрда бошад, арақи сард мекунад, нафасаш танг мегардад, беҳуш ва меъдааш вазнин мешавад ва гӯлӯгиршавӣ аён мегардад.

Барои бартараф кардани заҳри занбӯруғ истеъмол кардани турб, оби пудина, сиканҷабин бо пудинаи кӯҳӣ ё оби гарм муфид мебошад.

# Навқалам

# МОДАР



*Сафармо БУРАКОВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ*

*Меҳрат модар зи ганҷи дунё болост.*
*Он чеҳраи хубрӯят бароям волост.*
*Шабҳои дароз чу мисли шамъе будӣ.*
*Қадри ту надонистан хеле гуност.*
*Ранҷе, ки кашидӣ аз бароям доим,*
*Ин духтари ту умри дарозат бихост!*

# МИНБАРИ

# ОБ ГАНҶИ БЕБАҲОСТ



*Меҳрангез МАЗАРИФОВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи*
*химия, биология ва география*

***Таърихи нави давлатдории мустақил нишон медиҳад, ки Тоҷикистон яке аз ташаббускорони оқилонаи истифодабарии захираҳои об ва истифодабарии якҷояи он дар сатҳи глобалӣ ҳаст ва хоҳад монд.***
**Эмомалӣ Раҳмон**

Об яке аз сарватҳои бебаҳои табиат буда, сарсабзиву шукуфоӣ ва пойдории олам ба он пайвастагии зич дорад. Бешубҳа, дар он ҷое, ки об вуҷуд дорад, нишони ҳаёти зинда, ободӣ ва хушбахтиву комронӣ низ дида мешавад. Об дар ташаккули организм нақши муҳим дошта, маҳз ба василаи он мубодилаи моддаҳо ба амал меояд. Агар ба таърихи гузаштагонамон назар афканем, чунин ба назар мерасад, ки ниёкони мо обро чун неъмати муқаддасу пок парастиш намуда, баъзе анъанаҳои миллиро тавассути он амалӣ мегардониданд. Яъне аз ибтидо об ба сифати поку равшан ва атокунандаи бахту иқбол шинохта шудааст. Ҳаёти инсонро бе об наметавон тасаввур кард, зеро нарасидани об фаъолияти мунтазами организмро вайрон намуда, ба заволи он сабаб мегардад. Рангорангии табиати сеҳрангез, сабзиши растанӣ, рангорангии таллу теппаҳо бо шарофати об ба амал меояд. Ҳаким Фирдавсӣ дар ситоиши об чунин гуфтааст:

***Биболид кӯҳ, обҳо бардамид,***
***Сари рустанӣ сӯйи боло кашид.***

Имрӯз низ ниёзи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба об афзуда, ҳамзамон норасоии он дар баъзе кишварҳо боиси нигаронии аҳли башар гардидааст. Об ниҳоят захираи бузурге аст, ки атрофиёну ҷаҳониёнро таровату зебоӣ зам мекунад. Аз ин рӯ, ҳастии гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот ва инсон ба об вобастагӣ дорад. Ин неъмати Худододиро Худованд дар Тоҷикистони биҳиштосои мо хело арзонӣ пиндоштааст. Тоҷикистони зебоманзари мо аз сарватҳои обӣ бисёр ҳам фаровон аст. Захираҳои асосии обии давлати моро дарёҳо ташкил мекунанд. Имрӯзҳо дар ҷаҳон давлатҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати захираҳои оби нушокӣ ниҳоят танқисӣ мекашанд. Ин танқисӣ боиси мушкилотҳои зиёд мегардад. Зиёда аз 50%-и аҳолии ҷаҳон бо мушкилии норасоии об рӯ ба рӯ мегарданд.

Новобаста ба аҳамияташ баъзе шаҳрвандон дидаю дониста ба об ҳар гуна партовҳо мепартоянд, ки боиси ифлосии он мегардад. Барои ислоҳи ин гуна одамон Асадии Тӯсӣ чунин мегӯяд:

***Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,***
***Нашояд, фикандан дар он сангу хок.***

Вазифаи аввалиндараҷаи мо ин тоза нигоҳ доштани об мебошад, ки он аҳамияти хело ҳам калон дорад. Об қодир аст, ки дар худ аксарият моддаҳоро маҳлул кунад ва зимнан ин ё он гуна маззаю лаззатро касб кунад ва моро зарур аст, ки обро бояд доимо эътиёт кунем ва онро самараноку сарфакорона истифода барем.

# ДОНИШҶӮ

## ШУКРОНАИ ДАВЛАТУ САРВАРИ ХЕШ КУНЕД!



*Исои АБДУРАСУЛ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Мо ҷавонон пайваста шукронаи давлат ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мекунем, ки сарзамини биҳиштосои мо ин қадар тинҷу ором аст.

Сулҳу оромӣ бо заҳмату талошҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаст. Аз ин лиҳоз, ҳар яки мо бояд шукронаи инро бикунем. Имрӯз аксари биноҳои донишгоҳҳову мактабҳо аз нав сохта шуда, онҳо бо таҷҳизоти навтарини хониш ҷиҳозонида шуда, шароити таълиму тарбия ва тадрис бамаротиб боло рафта истодааст. Имконият фароҳам оварда шудааст, ки ҷавонони мо барои илму дониш омӯхтан ба мамлакатҳои хориҷ рафта, таҳсили илм менамоянд.

Ман, ки имсол донишҷӯи соли 3-юм ҳастам Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бовар мекунонам, ки баъди хатми донишгоҳ дар хизмати халқу ватан камари ҳиммат баста, бо меҳнати шоистаи худ дар пешрафту гул-гулшукуфоии меҳани хеш саҳми муносиб мегузорам.

## РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР НОҲИЯИ ШОҲИН



*Назримад САЛОЕВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар қисмати ҷанубӣ-шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соҳили дарёи Панҷ ҷойгир шудааст. Ин ноҳия дар гузашта бо номи Шӯрообод маълум буд ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2016 ноҳия номи Шамсиддин Шоҳинро гирифт. Масоҳати умумии ноҳия 2,3 ҳазор километри квадратиро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи кишоварзӣ асоси пешбурди иқтисодиёти ноҳияро ташкил медиҳад. Рушди соҳаи кишоварзӣ ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқамандӣ дошта, дар соҳаи мазкур зиёда аз 59 фисади аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунанд. Соҳаи кишоварзии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин аз ҳисоби боғпарварӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ ва картошкапарварӣ тараққӣ мекунад. Шумораи умумии хоҷагиҳои хонагӣ дар ноҳия - 6646 адад, шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ - 2726 адад ва хоҷагиҳои коллективӣ - 12 ададро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ ҷои аввалро истеҳсоли зироати ғалладона ишғол мекунад. Вазни қиёсии ҳаҷми истеҳсоли умумии ғалладонагии маҳсулоти растанипарварӣ 86 фисадро ташкил медиҳад.

Қисми зиёди заминҳои кишоварзӣ асосан барои кишти ғалладона 85 фисад ва хӯроки чорво 11 фисадро дарбар мегирад. То 1-уми январи соли 2015 масоҳати заминҳои кишоварзӣ 88087 гектарро ташкил дод, ки 45 гектар ё 0,05 фисади он обёришаванда мебошад. Бояд қайд намуд, ки 55 фисади хоҷагиҳо дар ноҳия дар масофаи 40 то 100 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир мебошанд. Бо назардошти ин дар ҳолати бад будани роҳҳо кашонидани маҳсулот аз хоҷагиҳои дурдаст ба ноҳия мушкилиҳои зиёдеро ба бор меорад.

Ҳамзамон, мебояд зикр намуд, ки дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин барои рушди соҳаи чорводорӣ ва таъмини хӯроки чорво шароити хуб мавҷуд аст. Зеро 38 фисади масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ ва 39066 гектар чарогоҳҳо, аз ҷумла 26552 гектар чарогоҳҳои тобистона, 12514 гектар чарогоҳҳои зимистона ва 283 гектар замин алафдарав иборат аст. Соли 2016 хоҷагиҳои чорводории ноҳия ба маблағи 82461 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба соли 2014 беш аз 12785 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамин тариқ, аён мегардад, ки соҳаи кишоварзии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин новобаста аз мушкилоти истеҳсолӣ дар марҳалаи нав инкишоф меёбад.

## НАВРӮЗ - ҶАШНИ КӮҲАНБУНЁД



*Азизҷон САИДОВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география*

Баҳор яке аз фаслҳои сол аст ва аз рӯи тақвими соли мелодӣ моҳҳои март, апрел ва майро дар бар мегирад. Яке аз идҳои анъанавии миллии халқҳои эронитабор, ки бо фарорасии баҳор ҷашн гирифта мешавад, иди байналмилалии Наврӯз аст. Баҳор яке аз фаслҳои зеботарини сол мебошад. Ин фаслро зиндашавии табиат ва арӯси сол меноманд.

Ба муносибати фарорасии баҳор дар давлатҳои ҷаҳон иду маросимҳои халқӣ гузаронида мешавад. Дар фасли баҳор ҳама мисли гул шукуфон мегарданд. Дар тамоми дунё баҳорро фасли зеботарин ва фасли ризқу рӯзӣ низ меноманд. Дар Тоҷикистон ин фаслро фасли пурфайз ном мебаранд.

Иди баҳор ва Соли Нав ҷашни қадимӣ ва анъанавии мардуми тоҷик ва эронинажод, ки ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ-1-уми аввали ҳамал ё 21-уми марти солшумории милодӣ рост меояд. Наврӯзро дар баъзе ноҳияҳо "Иди сари сол" низ меноманд. Тақрибан зиёда аз 3 ҳазор сол қабл Наврӯз марбут ба кори деҳқонӣ пайдо шуда, минбаъд такмил ёфтааст. Бояд гуфт, ки маншаъ ва замони пайдоиши Наврӯз ба дурустӣ маълум нест. Ин яке аз кӯҳнатарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Наврӯз - ҷойи вохӯрӣ ва муносибати мардум, ҷое, ки ҳам зану мард ва ҳам пиру ҷавон гирд омада, шодию хурсандӣ мекунанд, ёдоварӣ аз гузаштагон менамоянд ва пайванди худро бо табиат баён мекунанд.

Навқалам

## МОДАР



*Ҷумахони СУЛАЙМОНЗОДА,*
*донишҷӯи соли 4 уми факултаи физика ва математика*

***Ассалом эй модари ранҷури ман,***
***Ассалом эй гавҳару ҳам дури ман.***
***Ассалом эй он ки маҳбуби манӣ,***
***Ассалом эй он ки матлуби манӣ.***
***Модарам дӯр аз ту бар мулки дигар,***
***Аз пайи илму ҳунар кардам сафар.***
***Дурӣ аз ту қалби манро пора кард,***
***Дар талоши зиндагӣ овора кард.***
***Маҳрум аз оғӯши нармат гаштаам,***
***Ман пазмони нони гармат гаштаам.***
***Кӯдакиамро ба ёд орам мудом,***
***Ғамгусорам будӣ модар субҳу шом.***
***Ту калон кардӣ маро бо сад ҳавас,***
***Бегамии ту маро бошад ҳавас.***
***Дар забонам ному дар қалб ёди ту,***
***Бо қалам модар кунам фарёди ту.***
***Рӯзи идат модари гамхори ман,***
***Тӯҳфа дорам, тӯҳфа ин ашъори ман.***
***Модари ҷонам ту бошӣ дар амон,***
***Дар паноҳи он худованди ҷаҳон.***

## ИШҚ



*Иқболшо НАБИЕВ,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Навқалам

***Зи сар ҳама мӯям рехт,***
***Аз гами ишқи туро.***
***Зиндагӣ хокам бехт,***
***Дидум азоби гурро.***
***Бо чашму нигоҳҳоят,***
***Бо он хандаи лабҳоят.***
***Бо худ ҷамъ мекунӣ,***
***Магар, ки мухлисҳоят?***
***Гаҳе хубӣ, гаҳе бад,***
***Ту гули зебои сабад.***
***Чаро мехоҳӣ, ки ту,***
***Бисузам ман то абад.***
***Гаҳе бадӣ, гаҳе хуб,***
***Аз пуштат ман хӯрдам чӯб.***

## МОҲТОБИ САРАМ СОЗЕД!



*Сайлигули ЮСУФ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ, ихтисоси дефектология*

Модарам, ту ягона арзи вуҷудам, рафиқам ва дар парешонҳолию дармондагӣ эҳсону дастгирам ҳастӣ ва суруди ширини аллаи сари гавҳораат суруди умри ҷовидонӣ аст. Ту худ ҷон ба каф гирифта, маро ба дунё овардӣ, ҳамаслаки ситораҳо гардида, дар сари гавҳораам бо хоби ширин даст ба гиребон шудӣ, бо чашмони хастаат нигоҳам кардию ширин алла гуфтӣ.

Баъди рафтани модар мо гармтарин оғӯш, нармтарин сухан ва шевотарин нағмаи зиндагиро гум мекунем. Офтобу гулу обшорон бо забони модар ҳарф мезананд. Баҳру уқёнусҳои азим лаб фурӯ бастаанд, кӯҳҳои сарафрохта, ки дар сукутанд, рӯзе аз бузургии модар ҳарф хоҳанд зад. Биҳиште гар дар ин дунё ҳаст, суҳбату дидори модар аст. Баҳори орзуҳои модар дашту биёбонҳои сӯзонро ҳам сабз мегардонад. Ҳар ки озори модарро раво дид, ҳеҷ муҳаббатеро шоиста нагардад. Марги модар барои мо афсона аст, ки бовар намекунем. Умеди мо то охирин нафасаш сабз ҳаст. Ҳар ки ин умед хазон кард, хоҳад сӯхт. Аз Худо шодию танисиҳатии тамоми модарони рӯйи дунёро металабам. Аз Худо илтиҷо мекунам, ки ҳар модаре, ки ба беморие гирифтор бошад, Худо ба ӯ шифо бахшад. Аз ҷумла, ба модари ман, ки тақрибан ду сол мешавад, ки дар бистари беморӣ ҳаст. Модарамро дар рӯйи замин умеди зиндагиям хондам ва гоҳо ғамгин шуда ашк мерезам, фикр мекунам, ки лаҳза ба лаҳза вақт барои аз даст додани умедам, яъне модарам наздик шуда истодааст. Шукри Оллоҳ карда, хандаи ғамангез мекунам, чунки Модар баъд аз Худо ғамхортарин шахс аст.

## ТААССУРОТ АЗ СОЛИ ҶАВОНОН



*Баҳром ШУКУРОВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*

Соле, ки сипарӣ шуд, барои мо ҷавонон соли хеле муҳиму хотирмон буд, зеро бо ташаббусу пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 Соли ҷавонон эълон гардид, ки барои мо мояи ифтихору сарфарозӣ буд. Ин ташаббус башоратдиҳанда аз он аст, ки ҷавонон имрӯз дар маркази таваҷҷӯҳи ҳукумату давлати кишвар қарор доранд.

Мо, ҷавонони насли истиқпол хушбахту саодатманд аз онем, ки роҳбари ғамхору меҳрубон ва хирадманд моро роҳнамоӣ мекунад. Хотиромон будани Соли ҷавонон бар он аст, ки дар ин сол ҷавонони кишвар ба ҳам наздиктар гаштанд. Огаҳӣ пайдо кардан аз минтақаҳои гуногуни кишвар, иштирок дар чорабиҳои фарҳангию сиёсӣ, ошноӣ пайдо кардан бо урфу анъанаҳои миллӣ ва тарғиби дастовардҳои ҷавонон масъалаҳое мебошанд, ки дар Соли ҷавонон ба қадри зарурӣ татбиқ карда шуданд.

Ҷавонон ин ояндасози давлат ва муаррифгари миллат мебошанд. Хурсандиовар аст, ки дар соли сипаришуда ҷавонони кишвар дар тамоми соҳаҳо - ҳам илму техника ва ҳам варзиш ба дастовардҳои назаррас ноил гаштанд. Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз аввал чун халқи фарҳангдӯсту вартанпарвар ва дурандеш шинохта шудааст.

## НАҚШИ ДАВЛАТДОРИИ РОССИЯ ДАР ТАЪРИХ



*Абдулҳамид ГУЛАҲМАДОВ, устоди Коллеҷи иқтисодӣ-техникии ғайридавлатии шаҳри Кӯлоб*

*(Идома аз шумораи гузашта)*

Дар ҳуҷҷатҳои Москва аз соли 1517 сар карда ва минбаъд дар асри XVIII дар империяи Россия ҳамчун Расея, Расея -матушка (модар) (тарзи талафузи халқӣ), Русь Матрика, Россия -матушка (тарзи талафузи этникии фолклорӣ) ва минбаъд дар мафҳуми асосиаш Россия ба қолаб даромад.




Дар боло тарзи муфассал дар бораи пайдо шудани номи Россия мулоҳиза карда шуд. Аз мулоҳизаҳо бештар ба ҳақиқати пайдо шудани ин калима ҳаминро иброз хоҳем кард, ки аз сабаби кам будани муоширати миллатҳо дар адабиёти қадим ва дастрасии ками маълумотҳо дар бораи минтақаҳои гуногун, номҳо ба тарзи фаҳмишҳои маҳалии миллатҳои гуногун дар маъхазҳо дарҷшуда боқӣ монданд.

Ба андешаи банда дар байни ин фаҳмишҳо ба ҳақиқат наздиккаш он аст, ки славянҳои қадим калимаи русро дар мафҳуми дарё (река) бо одамони ин сарзамин мансуб дониста, минбаъд ҳиндуҳо ин намуди одамонро дар маънои одамоне, ки дар равиши (русла) дарё зиндагӣ мекардагӣ медонистанд. Чунин тарзи масъалагузорӣ ба ҳақиқати таърихӣ ташаккули одамон дар рӯи замин дуруст аст. Бисёр омилҳоро инсон омӯхта тарзи зиндагии қулайро дар назди чашмаҳо, кулҳо, баҳрҳо ва дарёҳо зиндагӣ карданро фаҳмиданд.

Дар ҳамин асос шояд аввалин одамоне, ки дар наздикиҳои соҳилҳои баҳр ва дарёҳо сукунатро ихтиёр карданд, мавзеи қулайро дар равиши (русла) резишгоҳи тарафи рости дарёи Днепр қарор гирифта ҳамчун "Русь" онҳоро мешинохтанд. Ва бо ҳамин этимологияи Русла ба Русь табдил ёфта минбаъд дар ҷамъбаст ҳамаи ин гурӯҳи одамонро бо мурури замон ҳамчун русҳо шинохта шуданд.

Он фаҳмишҳое, ки финҳо шведҳоро ҳамчун руотсин медонистанд начандон ба ҳақиқат наздик аст.

Дар баробари ташакули миллати Рус, тарзи идора кардани роҳбарии князиро ташкил карданд, ки асосгузораш Рюрик буда, солҳои 862 - 879 нахустин князи Рус буд. Дар таърихи славянҳои илменӣ Рюрик бо бародаронаш Синеус ва Трувор дар Новгород княз буданд. Онҳо дар таърих аввалин шахсоне буданд, ки давлати руси қадимро ташкил карда бо номи сулолаи Рюрикҳо дар таърих боқӣ монданд. Солҳои 882 - 912 Олег ҳамчун княз роҳбарӣ карда дар Киев дар шаҳри Шелковица ё Ладога вафот кардааст. Солномаанависҳо навиштаанд, ки Рюрик бо хешонаш аз Скандинавия омадаанд. Писари Рюрик Игорро мурабиаш соли 879 Новгородро роҳбарӣ кардааст. Соли 882 князи Киев, Киевро ба маркази давлат табдил дод. Солҳои 912 - 945 Игор Рюрикович княз буда, соли 945 вафот кардааст. Таърихнависон навиштаанд, ки писари Рюрик Игорро аз рӯи дуюмбора ҷамъоварӣ кардани андоз, деҳқонон онро ба қатл расониданд. Бо ҳамин сулолаи Рюрикҳо дар солҳои минбаъда Руси қадимро роҳбарӣ карда, сохтори давлатдориро дар оянда давом дода шуд.

# ОЛИМИ ВАРЗИДА, ОМӮЗГОРИ СОҲИБКАСБ ВА ИНСОНИ КОМИЛ



Дар байни олимону донишмандони соҳаи забоншиносӣ устод Қаюм Сангов ҷойгоҳи алоҳида дораду бо услуби эҷоди худ аз дигар олимон фарқ мекунад. Солҳои зиёд аст, ки устод чун методисти шинохта дар ҷумҳурӣ эътироф гаштааст. Ва оид ба масъалаи таълими самаранокии забони тоҷикӣ дар мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ дастуру мақолаҳои зиёди методӣ ба табъ расонидааст.

Оид ба фаъолияти илмии устод Сангов Қаюм ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки мавсуф аз моҳи августи соли 1967 фаъолияти худро ҳамчун олими забоншиноси оянда дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ш. Кӯлоб оғоз намуд. Ва имсол аз фаъолияти илмиаш 50 сол пур шуд. Албатта, дар назди таърих 50 сол чандон муддати тӯлонӣ набошад ҳам, ҳамчун ҳиссаи умри як инсони комил кӯтоҳ нест. Вале на ҳар кас метавонад ин солҳоро ба манфиати Ватан, миллат ва адои қарзи инсониаш дар назди ҷомеа сарф намояд. Барҳақ, устод Қаюм Сангов тавонист, ки дар зарфи 50 соли фаъолияти илмиаш хидмате барои миллати худ карда бошад.

Маъмурияти ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо тадқиқоти илмӣ ҳавасманд будани Қаюм Сангоыро пайхас намуда, пеш аз муҳлат ӯро ба муддати 5 моҳ барои коромӯзии тахассусӣ ба ш. Москва фиристод. Ӯ аз 15 сентябри соли 1979 то нимаии аввали моҳи феврали соли 1980 дар назди шуъбаи забон ва адабиёти миллии Институти илмию тадқиқотии мактабҳои миллии назди Вазорати маорифи Федератсияи Русия курси коромӯзиро ба пуррагӣ хатм намуд. 23 - юми апрели соли 1981 дар шаҳри Москва , дар назди Донишкадаи номбурда рисолаи номзадии худро дар мавзӯи"Таълими лексикаи забони модарӣ дар синфҳои У - У1 мактабҳои тоҷикӣ" (Москва, 23.04.1981. № ихтисос: 13. 00.02) бомуваффақият ҳимоя намуда, сазовори номи баланди номзади илмҳои педагогӣ гардид.

Дар тӯли 80 сол устод Сангов Қаюм таҷрибаи бою ғании илмию касбӣ андӯхтааст. Мавсуф ҳанӯз аз оғози фаъолияти илмиаш дар назди худ мақсад гузошт, ки роҳу усули таълими дарсҳои забони модариро (дар синфҳои 5 - 6) дар мактабҳои миёна ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор диҳад ва натиҷаи пажуҳиши худро ба шакли рисола бо мақсади кӯмак бо омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик пешкаш намояд. Заҳматҳои пайваста ва тӯлониаш барабас нарафтанд, Мушоҳидаҳои чандинсолаи худро ҷамъбаст намуда, онҳоро ба шакли китоб ба номҳои зерин пешкаши омӯзгорону донишҷӯён гардонид:

- "Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои 5 - 6 "Душанбе: 1991, 80 саҳ.
- "Алоқамандии таълими лексика бо морфология"( дар асоси материали исм, сифат ва феъл)-.Душанбе: 2005, 134 саҳ.
- "Таълими луғат калиди ҳамаи илмҳост". Душанбе: 2008, 76 саҳ.
- "Роҳҳои истифодаи луғатҳои лингвистӣ дар мактаби миёна" (Дастури методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён). Душанбе: 2015, 52 саҳ.

Ба ғайр аз ин, ба қаламӣ устод Қаюм Сангов зиёда аз 200 мақолаи илмию методӣ тааллуқ дорад, ки онҳо дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои илмии ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ ба чоп расидаанд.

Устод Қаюм Сангов ба ғайр аз он ки олими пурмаҳсул аст, ҳамчун омӯзгори соҳибкасбу таҷрибадор ва маслиҳатгару тарбияттгари омӯзгорони ҷавон на танҳо дар миқёси шаҳру вилоят, инчунин дар сатҳи ҷумҳурӣ низ машҳуру маъруф мебошад. Кӯшиш менамояд, то ҳамаи дарсҳояш самаранок ва сермаҳсул гузаранд. Заҳмат мекашад то донишҷӯ аз ҷавҳарии асосии дарс ноком намонад. Яъне маҳаки асосии дарсро аз бар намояд, то ки дар оянда раҳкушояш бошад.

Устоди муҳтарами мо ба синни муборакӣ 80 қадам мегузорад, вале хастагиро шикоятро намепазирад. Барои равнақи илму дониш ва тарбияи омӯзгорони оянда пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад. Олимони ҷавонро баҳри комёб гардидан дар роҳи илм роҳбаладӣ менамояду ба онҳо маслиҳатҳои судманд медиҳад.

Устоди сахтгиру меҳрубонро ба ин санаи муборак расиданашон шодбош мегӯем ва таманнои онро дорем, ки дар оянда низ ба ӯ умри саъдиёна, бозӯи рустамона ва илҳоми ҷомиёна насиб гардад.

***Агар номи баланд аз чарх хоҳӣ,сабр кун, Соиб,***
***Зи пастӣ метавон рафтан ба бом оҳиста - оҳиста.***
***Соиби Исфаҳонӣ***



*Абдулқосим РАҲИМОВ, саромӯзгори кафедраи филологияи тоҷики Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

# АКСҲОИ ГӮЁ













# ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Боиси хурсандист, ки хонандагон ба рӯзномаи "Анвори дониш" таваҷҷӯҳи хосса доранд. Ба кроссворди шумораи гузашта 39 нафар ҷавоб пешниҳод кард, ки аз ин шумора танҳо 2 нафар Абдуллоҳ Ғурбатӣ, (03.04.2018, соати 11:06, бехато) ва Сайфиддинов Ҳамзаалӣ, (06.04.2018, соати 12:10, бехато) кроссвордро бехато пур кардаанд. Дигарон ҳангоми пур кардани кроссворд аз 1 то 11 хатоӣ кардаанд.

Инҳо Каримова Зарнигор, Одинаев Додхудо, Сафаров Бахтиёр (1 хатоӣ), Шарипов Бедил, Мавлонов Сулаймон, Содиқзода Содиқҷон, Давлвтов Хуршед, Гадоев Шеравган, Изатуллои Мираҳмад, Усмонов Мухаммадалӣ, (2 хатоӣ), Ҳусензода Амирҷон , Давлатова Қаламнисо, Мухторов Ҳотамҷон, Каримов Фарух, Урозова Адиба, Валиева Ҳалима, Сафаров Некрӯз, Комилов Амирҷон, Муъминзода Сабур (3 хатоӣ), Достиева Солиҳамоҳ, Ҳуснияи Шараф, Давлатов Рустам, Амронов Абдулло, Раҳимов Баҳодур (4 хатоӣ), Латифи Бобоҷон, Шоева Ҳамида, Раҳимов Алиҷон, Саторов Шараф, Ҳабибуллоев Наврӯз, Мусафоқуллов Шодӣ, Паноева Сабрина (5 хатоӣ), Раҳимов Баҳодур, Ёрматова Умеда, Бадалов Исфандиёр, Сангов Суннатулло (6 хатоӣ), Гадоев Холаҳмад, (10 хато) ва Ҷураев Бароталӣ (11 хато) мебошанд.

Ғолиб **АБДУЛЛОҲ ҒУРБАТӢ,** донишҷӯйи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика мебошад, ки аз ҳама пештар ва бо ҷавобҳои дуруст кроссворди худро ба идораи рӯзномаи пениҳод кардааст.

**Ҳар касе, ки ҷавобҳои пешниҳодкардаашро аз назар гузаронидан мехоҳад, ба идораи рӯзнома ташриф оварад ва хатоҳои худро бубинад.**

**Хонандагони азиз! Саросема нашуда, кроссвордро дуруст пур кунед ва насиби мукофот дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед!**




## ДИҚҚАТ!

**Хонандае, ки сари вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ кроссвордро дуруст ва бехато пур карда ба идораи рӯзнома пешниҳод мекунад, бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ қадрдонӣ карда мешавад.**

*Рӯйи хандони маро тафсири ҳолам мапазир,*
*Ба Худо, ки чу аноре ба дарун хунборам.*





# СУХАНИ МОНДАГОР

*Маҳатма ГАНДӢ,*
*Қаҳрамони миллии Ҳиндустон*

*Инсон, ки ғарқ шавад қатъан мемирад. Чӣ дар дарё, чӣ дар рӯъё, чӣ дар дуруғ, чӣ дар гуноҳ, чӣ дар хӯшӣ, чӣ дар қудрат, чӣ дар ҷаҳл, чӣ дар инкор, чӣ дар ҳасад, чӣ дар бухл, чӣ дар кина, чи дар интиқом. Мувозиб бошем, ки ғарқ нашавем! Инсон будан, худ ба танҳоӣ як дине хос аст, ки пайравони чандоне надорад!*

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки аз 17-уми апрел то 30-юми апрели солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.*

1. РАЪНОИ НУРАЛӢ, 17.04.1992, ассистенти кафедраи молия ва бонкдорӣ;
2. НУРОВА НИГИНА, 17.04.1989, ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;
3. ЯТИМОВ ҲОМИД, 18.04.1989, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
4. ШАҲНОЗАИ СОДИҚ, 18.04.1991, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
5. НУРАЛИЕВА ФАЗИЛАМО, 20.04.1972, танзимгари факултаи филологияи рус;
6. ОДИНАЕВ ХОЛМУМИИН, 20.04.1962, сармуҳосиби донишгоҳ;
7. НАЗАРОВА РУҚИЯМО, 21.04.1971, котибаи ректор;
8. ТАҒОЕВА САЙЛОНБӢ, 22.04.1970, ассистенти кафедраи тарбияи томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
9. АЮБОВ НУРАЛӢ, 22.04.1933, саромӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
10. НАЗАРОВ БАХТИЁР, 22.04.1988 ассистенти кафедраи таърих, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ;
11. ДАВЛАТОВ ТОЛҚУН, 23.04.1956, саромӯзгор, ҷонишини декан оид ба таълими факултаи омӯзгорӣ;
12. САТТОРОВ ЁВАРШО, 23.04.1995, ассистенти кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ;
13. ОДИНАЕВ ИЗЗАТУЛЛО, 23.04.1994, ассистенти кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ;
14. КАМОЛОВ ФАРРУХРӮЗ, 23.04.1993, ассистенти кафедраи методикаи таълими забони англисӣ;
15. ФАЙЗАЛИЕВА ФАРХУНДА, 23.04.1993, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
16. ТАШРИФОВА МАВЛУДА, 24.04.1968, мудири дабирхона;
17. АШУРОВА ГУЛЧЕҲРА, 25.04.1966, китобдор, корманди китобхона;
18. ИБРОҲИМОВА РУХШОНА, 26.04.1979, ассистенти кафедраи география ва туризм;
19. ДАВЛАТОВ МИРАЛӢ, 27.04.1980, сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус;
20. ҶАЛИЛОВА АНВАРБӢ, 27.04.1981, ассисенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
21. САИДОВ АБДУЛЛО, 27.04.1981, ассистенти кафедраи забони англисӣ;
22. БАРОТОВ НИЗОМ, 28.04.1950, ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика;
23. НАЗАРОВ ҲОТАМШОҲ, 28.04.1985, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи аспирантура;
24. АБДУЛОВ ДИЛШОД, 30.04.1986, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
25. МОҲШАРИФИ ЁҚУБӢ, 30.04.1987, ассистенти кафедраи методикаи таълими забони англисӣ;

*ЗОДРӮЗ МУБОРАК, ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!*



# БОЗОР СОБИР

*Мефишорам сахт дасту панҷаҳои*
*маҳкаматро*
*Ҳамчу дасту панҷаи фарзанди деҳқон,*
*Ҳамчу дасту панҷаи шахшӯли*
*деҳқонбаччаи қишлоқ*
*Аз каланду досу мисрон.*
*Бо садои гармат одат кардаем*
*Ҳамчу бо зангӯлаи давлат,*
*Ҳамчу бо зангӯлаи ваҳдат,*
*Ҳамчу бо зангӯлаи мактаб.*
*Чунки дар рӯи ту мебинем*
*Рӯи миллатро,*
*Нури миллатро,*
*Чунки аз пешонии бози ту мехонем*
*Мо хати тақдири миллатро.*
*Чун кафи дасти ту шаҳроҳат*
*Аз Душанбе то Бадахшон,*
*Аз канори Суғд то Хатлон;*
*Дар кафи дасти ту меронанд,*
*Дар кафи дасти ту метозанд,*
*Дар кафи дасти ту ҷорист*
*Сели мошин,*
*Фавҷи дарёҳои мошин.*
*Пойгоҳи давлататро карда кафшер*
*Бастакори нақби Анзоб,*
*Бастакори нақби Шаршар,*
*Бастакори Чормағзак,*
*Бастакори ГЭС-и Рогун*
*Ҳамчу оҳан,*
*Ҳамчу чӯян,*
*Ҳамчу пӯлод*
*Пойдор.*

# БАЙТИ РӮЗ

*Рӯй манеҳ аз машварат, зеро ки арбоби хирад,*
*Машваратро пешкори аҳли давлат гуфтаанд.*

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ (таҳсилоти рӯзона) Оқилов Исроил Амиршоевич додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳоние, ки соли 2006 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 5-юми факултаи иқтисод ва идора (таҳсилоти ғоибона) Расулов Шуҳрат Шералиевич додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# АКСИ РӮЗ



АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО, доктори илми физика ва математика, профессор, Узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

КАРИМОВ САМАРИДДИН, доктори илми химия, профессор, Узви пайвастаи АМТ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илми фалсафа, профессор

ҶУМЪАХОН АЛИМӢ, доктори илми филология, профессор

ХОЛИҚОВ САФАР, номзади илми кимиё

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илми филология, дотсент

САЙДАҲМАДОВА ДИЛОРОМ, номзади илми педагогика, дотсент

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илми таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илми педагогика, профессор

ҶӮРАЕВ БОБОХОН, саромӯзгор

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМ

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ЭРАҶ ДАВЛАТОВ, номзади илми филология

ХАБАРНИГОРОНИ ИХТИЁРӢ:
САМАРИДДИН НАБИЕВ
ГУЛАФЗО ДАВЛАТОВА

САҲИФАБАНД:
АЛИШЕР ЯТИМОВ

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Адади нашр 4200

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 918-13-99-68; 981-00-02-19